Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№31 (1180)
Панҷшанбе,
1 августи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

# Боҷу хироҷ

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Сафари кории Президент ба шаҳри Исфара

с. 2-3

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

## Татбиқи барномаи компютерӣ

Барномаи компютерӣ дар хизмати мақомоти андоз

с. 6

РОБИТА

## Муроҷиати шаҳрвандон ва посух ба онҳо

Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз

с. 7

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Корҳои назоратӣ бояд хусусияти фаҳмондадиҳӣ дошта бошанд

с. 11

# Хариди назоратӣ

ОН ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ КИШВАР ЧӢ ГУНА ҶАРАЁН ДОРАД?





## Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ

Фаъолияти босамари муассисаю ташкилотҳо ва корхонаю хоҷагиҳо - заминаи рушди иқтисодии кишвар

с. 10

## ПУРСИШНОМА

вобаста ба таҳияи Кодекси андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав




с. 13



**Рӯзи 26 июл дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Исфара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳоти Ворух ташриф оварданд.**

# Боздид аз деҳоти Ворухи шаҳри Исфара

Нахуст Сарвари давлат дар деҳоти Ворухи шаҳри Исфара бо лоиҳаҳои иншооти таъйиноташ гуногун, ки то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди деҳот мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд, шинос шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки иншооти мазкур дар бахшҳои мухталифи соҳаҳои иҷтимоиву хизмарасонӣ ба нақша гирифта шудааст ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани онҳо дастрасии аҳолии деҳоти мазкурро ба хизматрасониҳои гуногун хубтар намуда, дар ин баробар шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон фароҳам оварда мешавад. Дар маҷмӯъ, лоиҳаи 8 иншоот, ки бо дарназардошти талаботи муосири меъморӣ таҳия гардидаанд, муаррифӣ карда шуд.

Зимни шиносӣ иброз гардид, ки бо дарназардошти талабот дар ҳудуди деҳоти Ворухи шаҳри Исфара боғчаи кӯдакона бо 80 ҷой, дар маҳаллаи Сангтӯдаи деҳот муассисаи таълимӣ бо 360 ҷойи нишаст, сохтмони бинои иловагӣ бо 10 синфхона дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, бинои ҷамоати деҳоти Ворух, бинои Қасри фарҳанг бо 400 ҷои нишаст, толори варзишӣ барои 300 нафар, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи тадбирҳои ҷашнӣ ба истифода дода мешаванд ва ҳамчунин бунёди бинои махсуси раёсати Вазорати корҳои дохилии вилояти Суғд дар деҳоти Ворух дар назар дошта шудааст, ки аз 3 ошёна иборат хоҳад буд.

Иброз гардид, ки ҳангоми таҳияи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса ба таълиму тарбияи насли наврас, оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим зоҳир гардида, дар ин замина бунёди иншооти соҳавӣ дар саросари деҳот дар назар дошта шудааст.

Ба Сарвари давлат зимни рӯнамоии лоиҳаҳо иттилоъ доданд, ки дар аксари иншооти мазкур корҳои сохтмонӣ аллакай оғоз ёфта, феълан бо сатҳу сифати баланд идома доранд.

Роҳбари давлат зимни шиносӣ бо лоиҳаҳо масъулонро вазифадор намуданд, ки корҳои сохтмониро дар иншооти мазкур бо сатҳу сифати баланд ва муҳлати муқарраргардида ба анҷом расонанд. Дар ин баробар ҷараёни корҳои бунёдкориро дар ҳудуди деҳот зери назорати қатъӣ гирифта, барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои гуногун ба аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо истифода аз имконот бунёди дигар иншоотро низ таҳияву ба сомон расонанд.

## Суҳбати Эмомалӣ Раҳмон ва Сооронбой Жээнбеков бо аҳли ҷамоат ва собиқадорони деҳоти Ворухи шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва деҳоти Оқсойи вилояти Ботканди Ҷумҳурии Қирғизистон

**26 июли соли 2019 дар хатти Сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков баргузор гардид.**

Дар ин зимн Сарони ду давлат ҳамчунин бо аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон мулоқот доир карданд ва бо мушкилоти дар ин мавзеъҳо мавҷуда шинос шуда, омодагии Ҷонибҳоро барои андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани тамоми мушкилоти дар сарҳад мавҷуда таъкид карданд.

Дар ҷараёни суҳбат Эмомалӣ Раҳмон ва Сооронбой Жээнбеков доираи васеи масъалаҳои марбут ба Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистонро мавриди муҳокима қарор доданд. Зимнан зарурати идома додани раванди делимитатсияи сарҳади давлатӣ, пешгирӣ намудани рӯйдодҳои ногувори наздисарҳадӣ ва садди роҳи онҳо шудан, роҳ надодан ба эҷоди вазъияти иғвоангезона дар марзҳои наздисарҳадии ду кишвар, ҳамчунин аз ҷониби мақомоти давлатии Тарафҳо ба таври доимӣ анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ дар мавриди ҳамзистии осоишта махсус таъкид гардид.

# Сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон аз намоишгоҳи дастовардҳои сокинони шаҳри Исфара боздид намуданд

**Дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Исфара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков аз намоишгоҳи дастовардҳои сокинон, ки дар саҳни Маҷмааи «Ориён» ба таври густурда ташкил карда шуд, дидан намуданд.**



Дар намоишгоҳ ҳосили зироати кишоварзӣ, маҳсулоти корхонаҳои коркарди меваю сабзавот, нӯшокиҳои ташнашикани истеҳсолоти ватанӣ, маҳсулоти нонию қаннодӣ, шириниҳо ва инчунин маҳсули эҷоди ҳунармандони шаҳр, хосса кандакорон, кулолгарон ва ғайра ба маъраз гузошта шуд. Сарони давлатҳо ба меваҳои шаҳдбор ва аз лиҳозу таъм беназири ин минтақаи мамлакат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба меҳнати ҳалоли сокинони шаҳри Исфара баҳои баланд доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки иқлими деҳоти шаҳри Исфара барои бунёди боғ ва ба даст овардани ҳосили фаровон басо мусоид мебошад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи сокинон ба боғдорӣ бештар равона гардидааст. Майдони умумии боғу токзори шаҳр имрӯз зиёда аз 12 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Танҳо дар соли равон боғпарварон дар талу теппаҳои ин минтақа 46 гектар боғи нав бунёд кардаанд.

Дар ин ҷо ҳосили зироати полезӣ, аз қабили тарбуз ва харбуза ба таври хос ва дар 6 пирамида намоиш дода шуд. Гуфта шуд, ки имсол дар шаҳри Исфара дар майдони 26 гектар зироати полезӣ, аз ҷумла тарбуз ва каду кишт карда шудааст. То имрӯз хоҷагидорон аз майдони полезиҳо 50 тонна тарбуз ба бозор баровардаанд ва ҳосилнокии он аз ҳар гектар 250 сентнерро ташкил медиҳад.

Дар намоишгоҳ занбӯрпарварон низ ширкат варзида, номгӯи гуногуни асали табииро пешниҳоди меҳмонон намуданд.

Тибқи иттилои масъулон, дар шаҳри Исфара 2155 оилаи занбӯри асал мавҷуд мебошанд ва дар 6 моҳи соли ҷорӣ хоҷагидорон ба миқдори 31,1 тонна асали хуштаъм истеҳсол кардаанд.

Занону бонувони ҳунарманди шаҳри Исфара маҳорати нонпазӣ ва омода намудани хӯрокҳои миллиро дар танӯру дегҳо намоиш доданд. Дар гӯшаи намоиши маҳсулоти нонӣ қариб 20 намуд нонҳои миллӣ, аз ҷумла чаппотӣ, қалама, нонҳои равғанӣ, чормағдор, ҷаззадор ва ғайра ба маъраз гузошта шуд.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунари пазандагии занону бонувони шаҳри Исфара баҳои баланд дода, онҳоро барои омӯзонидани нозукиҳои ин ҳунарҳои миллӣ ба духтарон ҳидоят намуданд.

Дар самти коркард ва банду басти мева ва истеҳсоли консерва сокинони шаҳри Исфара таҷрибаи ғанӣ доранд. Тибқи иттилоъ, имрӯз дар шаҳри Исфара 14 коргоҳу корхона ба коркард ва банду басти меваи хушк ва 3 коргоҳу корхонаи дигар ба истеҳсоли консерваи меваю сабзавот машғул мебошанд. Агар дар ҳамин давраи соли 2018 аз тарафи корхонаҳои шаҳр ба миқдори 4 млн. 643 ҳазору 930 сомонӣ хушкмева коркард ва банду баст шуда бошад, пас имсол ин нишондод ба беш аз 10 млн. 300 ҳазор сомонӣ расонида шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти консервагӣ дар шашмоҳаи аввали соли равон ба 1 млн. 498 ҳазору 340 сомонӣ баробар гардидааст. Коркард ва басту банди маҳсулот дар корхонаҳои номбурда ба таври хос ва бо тамғаи махсус сурат гирифта, стандарти байналмилалӣ риоя гардидааст, ки дар бозори дохил ва хориҷи мамлакат харидори зиёд дорад. Соли гузашта дар баробари таъмин намудани бозори дохилӣ, инчунин аз шаҳри Исфара ба миқдори 11 ҳазору 375 тонна меваи хушк ва дар ҳаҷми 1 млн. 639 ҳазору 100 сомонӣ консерва ба кишварҳои Россия, Германия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайра содирот карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, аз ҷониби сарони давлатҳо ба маҳсули меҳнати сокинони шарафманди шаҳри Исфара баҳои баланд дода шуд ва Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба дастовардҳои аз ин ҳам бештар дар ҳама бахшҳо ба масъулон тавсияву маслиҳатҳои муфид доданд.

Маҷмааи «Ориён», ки дар маркази шаҳри Исфара ва дар соҳили дарё бо дарназардошти санъати меъмории миллӣ сохта шудааст, писанди меҳмонон гардид. Намои беруна ва дохили маҷмаа пурра бо ҳунарҳои миллӣ, аз қабили кандакорӣ дар чӯб, гаҷкорӣ, санъати кундал ва ғайра оро дода шудааст. Дар ин ҷо сангҳои ороишии маҳаллӣ бо маҳорати баланди ҳунармандӣ истифода гардидаанд ва басо диққатҷалбкунанда мебошанд. Ин бинои боҳашамат дорои толорҳо барои гузаронидани чорабиниҳои гуногун, тарабхона, чойхона, ошхона, қаҳвахона, ҳуҷраҳои корию хизматрасонӣ ва ғайра мебошад.

# Сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сооронбой Жээнбеков мулоқот намуданд

26 июл ҳамчунин дар толори Маҷмааи «Ориён»-и шаҳри Исфара мулоқоти хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков ва музокироти васеъ бо иштироки роҳбарони вазорату идораҳои марбута ва мақомоти маҳаллии худидоракунии Тоҷикистон ва Қирғизистон анҷом ёфтанд. Ҷонибҳо алоқамандии худро ба тавсеа ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба дар асоси усули дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ иброз доштанд.

Дар ин иртибот тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар сатҳи Комиссияҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон бо мақсади ба анҷом расонидани раванди делимитатсия ва аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмиёт даровардани сарҳад машварату музокиротро идома диҳанд.

Мулоқоти доиргардида аҳамияти таърихӣ дошта, ду кишварро ба амалияи анҷом додани раванди делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон наздик меорад.

Анҷом додани корҳо ҷиҳати аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровардани сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба тамоми маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи ду кишвар таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

## Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон

Рӯзи 26 июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз анҷоми сафари корӣи худ ба вилояти Суғд ва боздид аз шаҳри Исфара ҷиҳати анҷоми сафари корӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

# Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков мулоқот намуданд

**27 июли соли 2019 дар шаҳри Чолпон-Отаи Ҷумҳурии Қирғизистон мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков доир гардид.**



Сарони ду давлат натиҷаҳои музокиротро, ки қабл аз ин дар шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои эътимоди комил, созандагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ баргузор гардиданд, инчунин мулоқот бо аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистонро ҷамъбаст карданд.

Тарафҳо доираи васеи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро баррасӣ карда, самтҳои афзалиятноки таъмиқи минбаъдаи онҳоро муайян намуданд.

Бо таъкиди имкониятҳои васеъ барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Сооронбой Жээнбеков ба мувофиқа расиданд, ки ҷиҳати афзоиши гардиши мутақобилаи мол чораҳои зарурӣ андешида, ба роҳандозии робитаҳои мустақим байни доираҳои соҳибкории бузург ва миёнаву хурд, ки нишондиҳандаи сатҳи ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон мебошанд, мусоидат намоянд.

Ҳамчунин мубодилаи афкор атрофи мавзӯъҳои минтақавӣ ва байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн сурат гирифта, амалҳои муштараки минбаъда дар сиғаи ҳамкориҳои бисёрҷониба муайян карда шуданд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷанбаҳои масъалаҳои ҳамкориҳои байни ду кишвар дар арсаи обу энергетика мавриди баррасӣ қарор доштанд. Қайд гардид, ки ба кор андохтани иқтидорҳои гидроэнергетикии ҷонибҳо бо дарназардошти манфиатҳои кишварҳои минтақа барои Тоҷикистон ва Қирғизистон аҳамияти фарогир дорад. Ҷонибҳо изҳори итминон намуданд, ки татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба раванди расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор – 2030 ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии на танҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки берун аз миқёси он таконы мусбат хоҳад бахшид.

Аҳамияти таҳкими эътимод миёни мардумони Тоҷикистон ва Қирғизистон, бахусус дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, ба таври хосса таъкид карда шуд. Зарурати ба роҳ мондани амалияи мунтазам баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангии муштарак, иштироки ҷонибҳо дар консертҳо ва фестивалҳо дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, ҳамчунин фаъол гардонидани ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, варзиш ва сайёҳӣ қайд карда шуд.

Бо мақсади фаъол гардонидани ҳамкориҳо миёни минтақаҳои ду кишвар Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки робитаҳои бародаршаҳриро миёни шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои кишварҳояшон барпо намоянд.

## НАБЗИ НОЗИРОТИ АНДОЗ

# Ҳолати бақайдгирии давлатӣ



Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом дар нимсолаи якуми соли 2019, дар маҷмӯъ, 645 адад андозсупорандаро ба қайди давлатӣ гирифтааст. Аз ин теъдод 8 адад шахси ҳуқуқӣ, 46 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 169 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 422 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда мебошанд.

Чуноне ки мудири Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом Олимҷон Алиев хабар дод, айни ҳол шумораи умумии андозсупорандагон дар ҳудуди шаҳру ноҳия 11 ҳазору 808 адад, аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 665 адад, соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда 788 адад, соҳибкорони инфиродии дар шакли хоҷагии деҳқонии инфиродӣ бақайдгирифташуда 7734 адад, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 2621 ададро ташкил менамояд. Аз шумораи умумии 9187 адад соҳибкоре, ки эъломияҳои андоз пешниҳод мекунанд, то ба имрӯз 6723 ададашон ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андоз гузаронида шудаанд, ки 73,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар заминаи амалӣ намудани иқдоми роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом рақами мушаххаси андозсупорандаро ба сокинони дурдаст бевосита дар ҷои истиқоматашон дастрас намуданд. Умуман, дар муддати шаш моҳи гузаштаи имсол 4 ҳазору 212 нафар шаҳрванд дар шаҳри Конибодом бо рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) таъмин шудаанд.

# Таъмини андозсупорандагон бо МНХ

**Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич дар нимсолаи якуми соли 2019-ум 22 адад андозсупорандаро бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ таъмин намудааст. Ин рақам аз нақшаи тасдиқнамуда 3 адад зиёд мебошад.**

Бино ба маълумоти сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич Баҳрулло Раҳмонов дар ин муддат инчунин, дар фаъолияти андозсупорандагон 9 маротиба хариди назоратӣ доир ба истифодаи дурусти мошини назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ гузаронида шудааст. Дар натиҷа, барои риоя накардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истифодаи дурусти МНХ нисбати 9 нафар андозсупоранда тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 28 ҳазору 600 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ тартиб ёфта, маблағи ҷарима пурра ба ҳисоби буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## ЭЪЛОН

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диққати шаҳрвандон ва андозсупорандагон мерасонад, ки бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорон дар самти таъмини пардохти маблағи андозҳо ва дахолати беасоси кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси муроҷиати як гурӯҳ андозсупорандагон тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019, №353 «Дар бораи ихтисори гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунандаи нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва бастҳои кории нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе» тағйирот ворид гардида, бастҳои кории мавҷудаи гурӯҳҳои патент дар нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе пурра ихтисор карда шуданд.

**Минбаъд соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда уҳдадор мешаванд, ки бе дахолати кормандони масъули нозироти андоз маблағҳои ба таври автоматӣ ҳисобшудаи патенти худро мустақилона ҳар моҳ бе таъхир ба буҷет пардохт намоянд ва доир ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар як сол як маротиба, на дертар то санаи 1-уми марти соли ҳисоботӣ, бо мақомоти андози маҳалли қайди худ санадҳои муқоисавии дуҷониба тартиб диҳанд.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**МУҲТАРАМ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасонии электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**Таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 июл маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат нахуст масъалаи “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2019” баррасӣ гардид.

Доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ҳисобот дод.

Ҳамчунин доир ба масъалаи якуми рӯзномаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019” ва “Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022” ҳисоботи вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода, Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Бонки миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзода, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Фаррух Ҳамрализода, Раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, Раиси Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода ва Директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ Холмурод Раҳмон шунида шуд.

Бо натиҷагирӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии давлат ҳанӯз ҳам имконияту захираҳои мавҷуда самаранок истифода намегарданд, ки ин ҳолат ба сатҳи иҷрои нақшаю ҳадафҳои стратегии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли 2018-ум 8,3 фоиз кам шудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ 36 фоиз, коҳишёбии суръати афзоиши гардиши савдои умумӣ 5,2 банди фоизӣ, гардиши савдои хориҷӣ 16,9 банди фоизӣ, аз ҷумла содироти мол 7,2 банди фоизӣ хавфҳои иловагиро ба вуҷуд меоранд, ки барои дар нимсолаи дуюми соли 2019 иҷро шудани нишондиҳандаҳои пешбинигардида таъсири манфӣ мерасонанд.

Зикр гардид, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 31270,9 миллион сомонӣ ва афзоиши воқеии он 7,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 12,5 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 10,8 фоиз, гардиши савдо 9,4 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 0,9 фоиз таъмин гардид.

Дар баробари ин маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ 8,6 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3,8 фоиз, аз ҷумла ҳаҷми содирот 8,1 фоиз ва воридот 2,3 фоиз зиёд гардид. Сатҳи таваррум дар бозори истеъмолӣ дар ин давра 4,0 фоизро ташкил дод.

Даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2019 дар сатҳи 101,1 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 10531,5 миллион сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 33,7 фоизро ташкил менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо вуҷуди аз таъсири манфии омилҳои беруна, хусусан ноустувории вазъи сиёсию иқтисодӣ, пастравии нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои асосии содиротии кишвар ва дигар таъсири манфӣ, суръати мусбати рушди иқтисодӣ ба суботи макроиқтисодӣ таъмин гардид.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 тамоюли мусбати рушд дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ асосан нигоҳ дошта шуд. Аммо сифати рушд вобаста ба таъмин намудани нишондиҳандаҳои дурнамо ва ҳадафҳои гузоштаишуда моро қонеъ карда наметавонад.

Зеро ба эътибор нагирифтани тамоюлҳое, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ идома доранд, шиддати рақобати минтақавӣ дар самти рушди истеҳсолоти саноатӣ, ҷараёни нисбатан сусти саноатикунонии кишвар, тақвият наёфтани иҷро нагардидани барномаҳои соҳавӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои кишвар ва як қатор дигар омилҳои дигар садди роҳи суръати рушди иқтисодӣ гардида истодаанд, ки хеле ташвишовар мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат барои таъмини сифатноки нақшаи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли 2019, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, таъмини босуръати рушди соҳаи саноат бо мақсади амалисозии ҳадафи чоруми стратегӣ, ҳалли масъалаҳои муҳими соҳаи энергетика, хусусан, ҷамъоварии маблағи фурӯши неруи барқ, пешгирии талафоти техникии он, васли ҳисобкунакҳои муосири барқӣ, таъмиру навсозии хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳо дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти самаранок дар самти истеҳсол ва истифодабарии неруи барқ, зиёд кардани майдони кишти такрорӣ ва боғу токзор, захира ва коркарди босифати маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳдошти ҳолати мелиоративии заминҳо ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва дигар масъулони соҳа дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Дастуру супоришҳои дигар ҷиҳати татбиқи чораҳои мушаххас дар истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо, амалигардонии лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва аз худ кардани маблағҳои татбиқи лоиҳаҳо дода шуданд.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода шуд, ки назоратро ба ҷараёни иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаи чорабиниҳои Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ, нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар бахшида ба таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супоришҳои Роҳбари давлат дар вақти сафарҳои дохиливу хориҷӣ аз ҷониби масъулон ва сохторҳои марбут пурзӯр намояд.

Барои фароҳам овардани замина ба рушди устувори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ татбиқи “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ва мусоидати бештар ба татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати мамлакат муҳим арзёбӣ гардид.

Дар маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди муҳокима лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Аъзои Ҳукумати мамлакат инчунин масъалаҳои вобаста ба Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои рӯзмарраро баррасӣ намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таваҷҷуҳи аъзои Ҳукуматро ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашнҳои муҳими давлатӣ, хусусан ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда, таъкид доштанд, ки роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷрои нақшаҳои бунёдкориву ободонӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда ва босифат вазифадор мебошанд ва бояд ин тадбирҳоро бо масъулият ва ҳисси баланди ватандӯстӣ ба анҷом расонанд.

Дар охир Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумат ва роҳбарони ҳамаи сохторҳои давлатӣ барои беҳтаргардонии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2019 ва давраҳои минбаъда, омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020, таъмини рушди босуръати соҳаҳои иқтисод, саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, варзиш ва сайёҳӣ дастурҳои мушаххас доданд.

Боҷу хироҷ №31 (1180) Панҷшанбе, 1 августи соли 2019



**Мутобиқ ба талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ, ки як шакли назорати андоз маҳсуб меёбад, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда барои фаъолияти анҷомдодааш, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад ва он дар гирифтани пеши роҳи қонунвайронкуниҳои андоз мавқеи муҳим дорад. Аз ин нуқтаи назар назорати камералӣ санҷиши андоз набуда, балки як қисми таркибии корҳои назоратӣ мебошад.**

# Камбудии ҳисобот



Пешниҳоди ҳисоботи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Абдурауф Юсупов», ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона) фаъолият мекунад, боиси шубҳаи мутахассисони мақомоти андози шаҳри Ҳисор гардиду онҳо мутобиқ ба муқаррароти банди 4 қисми 3 моддаҳои 22, 37 ва қисми 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон назорати камералӣ таъин намуданд. Назорати камералӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва маълумоти аз Кумитаи замини шаҳри Ҳисор дастрасгардида гузаронида шуд.

Дар асоси маълумоти дастрасшуда маълум гардид, ки ҷамъият дар ихтиёри худ 5393 гектар замин дошта, аз он ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ васеъ истифода менамояд ва даромади хуб ҳам ба даст меорад. Аз ин миқдор замин 334 гектари он заминҳои обёришавандаи табиӣ, 589 га обёрии мошинӣ,169 га заминҳои лалмӣ, 2296 га чарогоҳ ва 528 гектари онро роҳҳою кӯчаҳо ва иморату сохтмонҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Аз миқдори муайяни заминҳои номбаршуда 1477 гектари он заминҳоеанд, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода намешаванд.

Андозсупоранда А. Юсупов бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз ба қонунвайронкунӣ даст зада, дар эъломияҳои ҳанӯз моҳи марти соли равон ба мақомоти андоз пешниҳодкардааш масоҳати замини бо усули табиӣ обёришавандаро ба миқдори 100 гектар кам нишон додааст. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андози ягона дар соли 2019 барои 1 га замини кишти обёрии табиӣ 300,73 сомонӣ муқаррар шудааст. Бинобар ин нисбати ҶДММ "Абдурауф Юсупов" ба таври илова 100*300,73=30073 сомонӣ андози ягона ҳисоб карда шуд ва ҷамъият ба мақомоти андоз оид ба пардохти маблағи ошкоршуда эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

Албатта, амали А. Юсупов метавонист мавриди ҷазо қарор гирад, аммо талаботи назорати камералӣ дигар аст. Агар дар ҷараёни назорати камералӣ вайронкуниҳои қонунгузории андоз ошкор шаванд ҳам, чунове ки пинҳонкунии маблағҳои андоз дар фаъолияти ҶДММ "Абдурауф Юсупов" ошкор гардид, ба андозсупоранда бо талаби дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ пешниҳод кардани тавзеҳот ё иҷро намудани дигар ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур танҳо огоҳинома фиристода мешавад.

Вобаста ба ин, кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисорро зарур аст, ки ба мисли ҶДММ "Абдурауф Юсупов" дигар ҷамъияту хоҷагиҳо, супорандагони андози ягонаро тахти назорати ҷиддӣ қарор дода, камбудиҳои ҷойдоштаро пурра ошкор намоянд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Ҳисор**

ҶАМЪБАСТ

# Натиҷаи
## фаъолияти нимсола



**Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ қисми даромади буҷети давлатиро дар нимсолаи якуми соли 2019 (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100,1 фоиз таъмин карда, ба ҷойи 22907,8 ҳазор сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 22918,1 ҳазор сомонӣ маблағ ворид намуд.**

Мақомоти андоз дар ин давра ба 285 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 2119,8 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол карда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 636,6 ҳазор сомонӣ маблағ ворид намудааст. Дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия 150 адад қарор нисбати андозсупорандагони қарздор ба маблағи 5118 ҳазор сомонӣ қабул гардид. То имрӯз 99 адад қарор пурра иҷро гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 2829,5 ҳазор сомонӣ маблағи андоз ворид шудааст. Иҷрои нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар шашмоҳи соли ҷорӣ ба андозаи 100 фоиз таъмин гардид. Аз ин ҳисоб ба буҷет 4682,89 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 873,14 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти дастрасгардида бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳияи Восеъ ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум 9347,0 ҳазор сомониро ташкил медод. Ин нишондиҳанда ба ҳолати 01.07.2019 ба маблағи 7434 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 1 млн. 913 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои андоз кам гардид.

Айни ҳол дар ноҳия 5 ҳазору 820 соҳибкор, ташкилоту корхонаҳои шакли молиякиташон гуногун ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки 664 шахси ҳуқуқӣ, 488 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 3113 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 1555 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда мебошанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҷониби кормандони нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 60 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, ба маблағи 499, 6 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор ва аз ин маблағ 171,7 ҳазор сомониаш ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# США намерены ввести ответные меры в случае «налога на Google» - СМИ




**Некоторые европейские страны рассматривают возможность введения налогообложения на ряд американских цифровых компаний**

**США планируют ввести ответные меры в отношении стран, которые будут применять в одностороннем порядке дополнительный налог в отношении компаний Amazon, Apple, Facebook и Google. Об этом сообщает испанское издание El Mundo.**

Ранее стало известно, что офис торгового представителя США Роберта Лайтхайзера начал расследование в отношении Франции, планирующей ввести такой налог.

Как сообщает источник, госдепартамент США уведомил свои дипломатические представительства о том, что администрация Трампа «не потерпит никакой дискриминации американских компаний». В частности, такое послание было направлено и в американское посольство в Испании, которая также выразила готовность ввести так называемый «налог на Google».

Вашингтон считает, что «некоторые правительства, особенно в Европе» политизированы в отношении данного вопроса, поскольку налоги вводятся исключительно в отношении американских компаний, «исключая местные и национальные». Также американские власти считают, что налог негативно отразится на потребителях.

В госдепартаменте в то же время признают, что все компании вне зависимости от страны или экономического сектора должны платить налог, и что изменения в цифровой экономике требуют адаптации налоговой системы при условии заключения международного соглашения.

Ранее США внесли в черный список пять китайских IT-компаний.

**Источник: http://www.aif.ru**

СЕМИНАР–МАШВАРАТ

# Тартиби пешниҳоди тавозуни муҳосибӣ

**20 июли соли 2019 дар Раёсати андози шаҳри Душанбе бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва намояндагони субъектҳои хоҷагидор семинар-машварат баргузор гардид.**

Семинар-машваратро муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид оғоз намуда, таъкид кард, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳосибон” субъектҳои хоҷагидори мустақил вазифадоранд, ки оид ба фаъолияти молиявии худ то санаи 30 апрели соли минбаъда тавозуни муҳосибавӣ пешниҳод намоянд. Яъне барои соли молиявии 2018 мебоист то санаи 30 апрели соли 2019 тавозуни муҳосибавӣ омода ва дар асоси талаботи қисми 2 моддаи 50 Кодекси андоз ба мақомоти андоз пешниҳод мешуд. Мутаассифона, як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон ин уҳдадории худро иҷро накарда истодаанд.

Дар ҷаласа ҳамчунин зикр шуд, ки мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои мавҷуд набудании баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бе риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз 40 то 50 нишондиҳанда ва ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз 150 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст.

Аксарияти иштирокчиён сабабҳои сари вақт пешниҳод накардани тавозуни муҳосибавиро дар набудани сармуҳосиб, аз фаъолият бозмондани корхона, бо барнома кор карда натавонистани муҳосибон ва дар моҳҳои феврал – апрел дуруст кор накардани барнома маънидод карданд.

Дар охир андозсупорандагон ба саволҳои худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Москва и Минск намерены создать единую систему налогов

## Но при этом страны не собираются вводить единую валюту



РФ и Белоруссия в ближайшем будущем не собираются вводить единую валюту, сообщил глава Минэкономразвития России Максим Орешкин. Он сообщил, что главная цель на ближайшее время - создание единой системы налогов, передает газета «Коммерсантъ».

В конце 2018 г. Дмитрий Медведев подписал распоряжение о создании совместной российско-белорусской рабочей группы по интеграции.

18 июля президенты РФ и Белоруссии Владимир Путин и Александр Лукашенко провели переговоры в Петербурге на Форуме регионов двух стран. Главным его результатом стало решение «двигаться дальше» в вопросах интеграции и преодолеть текущие разногласия к 8 декабря, когда Союзное государство будет отмечать 20-летний юбилей.

**Источник: http://taxpravo.ru**

**Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад дар ҳисобварақаи андозсупорандагон, дар мақомоти ҳудудии андоз барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст.**



# Татбиқи барномаи компютерӣ

Сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани иҷорагирандагон, маблағи иҷорапулӣ ва масоҳати объекти ба иҷорадодашуда мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи комютерӣ дохил намоянд, чунки маълумоти иҷорадиҳандагон дар ин самт мунтазам нав карда мешаванд.

Тибқи маълумоти ҷамъбастӣ ба ҳолати 1 июли соли 2019 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда (16196 адад), маълумоти 6824 адад ё 42,1 фоизи иҷорадиҳандагон ба махзани маълумоти барномаи компютерӣ ворид шудааст, ки нуқтаҳои ба иҷорадодаи онҳо, дар маҷмӯъ, 10135 ададро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ барои соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 4944 адад ё 32,0 фоиз, вилояти Хатлон 1964 адад ё 66,0 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 75 адад ё 23,8 фоиз, шаҳри Душанбе 1880 адад ё 40,5 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1321 адад ё 40,0 фоизро ташкил медиҳад.

Тавре Собирҷон Исоев изҳор дошт, раванди ворид намудани эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк ба талабот ҷавобгӯ набуда, тибқи ҳисоботи пешниҳодшуда нишондиҳандаи рафти қабули эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк ба ҳолати 1 июли соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 82,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 93,0 фоиз, вилояти Суғд 89,4 фоиз, вилояти Хатлон 84,8 фоиз, шаҳри Душанбе 69,8 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 85,0 фоизро ташкил медиҳад. Аммо, тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, рафти воридкунии маълумот дар барномаи компютерӣ дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи паст қарор дошта, дар ин давра, эъломияҳои андоз аз даромади 8839 адад ё худ 59,2 фоизи эъломияҳои қабулшуда ба махзани маълумот ворид шудааст. Ин нишондод мутаносибан дар ВМКБ ҳамагӣ 13,3 фоиз, Суғд 53,4 фоиз, вилояти Хатлон 63,8 фоиз, шаҳри Душанбе 62,7 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 63,5 фоиз мебошад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ 1463 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 7283 адад ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва 1389 адад ҳамчун дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора дода шуда, шумораи умумии нуқтаҳои ба иҷорадодашуда, дар маҷмӯъ, 10135 ададро ташкил медиҳад, ки маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба 1 метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ҷумҳурӣ ба 14,9 сомонӣ баробар мебошад.

Нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ВМКБ ба 3,5 сомонӣ, вилояти Суғд 7,6 сомонӣ, вилояти Хатлон 8,2 сомонӣ, шаҳри Душанбе 32,7 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 11,2 сомонӣ баробар мебошад.

С. Исоев афзуд, ки маблағи миёнаи иҷорапулӣ аз рӯи маълумоти ба барномаи компютерӣ воридшуда мутаносибан дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 7,5 сомонӣ, Рӯдакӣ 10,1 сомонӣ, Файзобод 3,0 сомонӣ, Варзоб 7,0 сомонӣ, Деваштич 3,7 сомонӣ, Зафаробод 2,2 сомонӣ, Гулистон 4,0 сомонӣ, Конибодом 10,0 сомонӣ, Спитамен 3,9 сомонӣ, Панҷакент 3,7 сомонӣ, Ҷаббор Расулов 2,2 сомонӣ, Истравшан 4,0 сомонӣ, Бӯстон 1,2 сомонӣ, Шаҳристон 0,8 сомонӣ, Ашт 1,1 сомонӣ, Восеъ 6,9 сомонӣ, Фархор 6,6 сомонӣ, Ховалин 2,8 сомонӣ, Муъминобод 2,4 сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 6,5 сомонӣ, Темурмалик 1,1 сомонӣ, Балҷувон 0,2 сомонӣ, Дӯсти 4,4 сомонӣ, Хуросон 4,0 сомонӣ, Қубодиён 6,9 сомонӣ, Ҷайҳун 3,8 сомонӣ, Шаҳритус 5,6 сомонӣ рост меояд, ки ҳолати мазкур ба воқеият наздик нест.

Ҳамзамон, таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз аз рӯи объектҳои бақайдгирифташуда дар барномаи компютерӣ нишон додааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Тоҷикобод, Варзоб, Деваштич, Зафаробод, Спитамен, Панҷакент, Ҷаббор Расулов, Бӯстон, Шаҳристон, Истиқлол, Вахш, Ҷайҳун, Носири Хусрав ва Хоруғ ягон адад объекти иҷораи молу мулк ба сифати хонаи истиқоматӣ ба қайд гирифта нашудааст. Бинобар ин, шаҳру ноҳияҳои зикршударо зарур аст, ки дар ин самт корбарӣ намуда, ҷиҳати islоҳи камбудиҳо чораҳои иловагӣ андешанд.

- Бо дарназардошти камбудиҳои ҷойдошта, - мегӯяд С. Исоев, - ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани назорат ва ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк ва назорати минбаъда, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бақайдгирӣ ва аз қайдбарории иҷорадиҳандагони молу мулкро дар доираи барномаи компютерӣ ба роҳ монда, воридоти маблағи андозҳоро аз ин ҳисоб зери назорат қарор диҳанд. Ҳамзамон, ҷиҳати гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ миёни шаҳрвандон ва соҳибмулкон тадбирҳои зарурӣро андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Муроҷиати шаҳрвандон ва посух ба онҳо

**Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ миёни андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо ҳамчун як самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он имрӯз таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуда истодааст.**



Тавре муовини сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Иқбол Баҳриев зикр кард, дар нимсолаи аввали соли 2019 тибқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон 1537 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 71 адад зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии семинар - машваратҳои баргузоргардида ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе 163 адад ё худ 10,6 фоиз, вилояти Суғд 499 адад ё худ 32,3 фоиз, вилояти Хатлон 293 адад ё худ 19,3 фоиз, ВМКБ 182 адад ё худ 11,8 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 166 адад ё худ 10,8 фоиз ва Кумитаи андоз 234 адад ё худ 15,2 фоиз рост меояд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва радиоҳои гуногун, рӯзномаю маҷаллаҳои кишвар, дар маҷмӯъ, 367 барнома, эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ пахш ва чоп шудааст.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва пайваста беҳтар намудани сифати онҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта, бо ин мақсад барои қабули муроҷиатҳо сомона, почтаи электронӣ, рақамҳои содакардашудаи телефонии “151, 152” Бахши иттилоотӣ (Контакт-сентр) ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз “233-09-05” ба роҳ монда шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2019, ба Бахши иттилоотӣ, дар маҷмӯъ, 22358 муроҷиати телефонӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 2776 адад ё худ 14,2 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 9307 адад ба шахсони воқеӣ, 9922 адад ба шахсони ҳуқуқӣ, 2552 адад ба дигар шахсон ва 577 адад ба шахсоне, ки тавассути усули “Чат” муроҷиат намудаанд, рост меояд. Инчунин, дар ин давра 446 адад муроҷиат тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» ва 2976 адад муроҷиат ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба РМА бо рақами содакардашудаи “152” ворид гардидааст.

Дар ин давра мундариҷаи бештари муроҷиатҳо ба татбиқи модули нави барномаи компютерии СМИИА “Утоқи шахсӣ” – 6050 адад (27,1%), тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани ААИ ва таҳияи ҳисобнома-фактураҳо ва аксиз – 3221 адад (14,4%), тартиби дуруст истифодабарии “Анбори электронӣ” – 2755 адад (12,3%), оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ – 901 адад (4,2%), тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул – 616 адад (2,8%), тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи патент ва бақияи қарзи он – 534 адад (2,4%), оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ – 422 адад (1,9%) ва имтиёзи андозҳо – 407 адад (1,8%) рост меоянд, ки дар маҷмӯъ 14906 адад ё худ 66,7%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ҳангоми муошират бо андозсупорандагон хушмуомила бошанд, риояи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ва дигар талаботи муқарраргардидаи соҳаи андозро таъмин намоянд. Назоратро нисбати фаъолияти кормандони мақомоти андоз пурзӯр карда, ҷиҳати тағйир ёфтани рафтору кирдор ва амали кормандон чораҳои мушаххас андешанд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Таъсиси Гурӯҳи нави корӣ

**22-юми июли соли равон Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н. М. дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ оид ба амалисозии Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз ба имзо расид.**

Тавре шарҳ дода мешавад, он бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ва бо муваффақият анҷом додани Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, татбиқи пурраи чорабиниҳои қисматҳои таркибии лоиҳа ва бо дарназардошти тағйироти банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст.

Гурӯҳи корӣ оид ба амалисозии Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз аз зергурӯҳҳо – зергурӯҳи рушди институтсионалӣ, рушди амалиётӣ ва навсозии инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ иборат буда, роҳбарии онро муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода ба уҳда дорад.

Роҳбарони зергурӯҳҳо вазифадор гардидаанд, ки ҳамоҳангсозии амалӣ намудани кисматҳои таркибии лоиҳаро таъмин кунанд. Бо ҳайатҳои назораткунандаи амалисозии лоиҳа, ки аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ ва сармоягузорон муайян мешавад, дар ҳамкорӣ масъалаҳои амалисозии онро ҳал намоянд, иҷрои қарорҳои мувофиқашуда, ҳамчунин, ҳамоҳангсозии чорабиниҳои дахлдори дохилӣ ва байни қисматҳои таркибии лоиҳаро таъмин намоянд.

**Ф. ҶОВИД**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Боло рафтани сатҳи зиндагӣ

**Дар нишасти матбуотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 25-уми июли соли равон баргузор гардид, қайд шуд, ки нишондиҳандаҳои миқдории сатҳи зиндагии аҳолӣ рушд ёфта, ба ҳолати 1 июни соли 2019 музди миёнаи меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ қариб 1350 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 151 сомонӣ зиёд мебошад.**

Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Эмин Сангинзода қайд намуд, ки дар соҳаҳои бахши воқеӣ музди миёнаи меҳнати аз ҳама зиёд дар саноати истихроҷи канданиҳои фоиданок 2609,7 сомонӣ, сохтмон 2526,8 сомонӣ, неруи барқ, газ ва таъминоти об 2074,8 сомонӣ ва сатҳи пасттарини он дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 539,0 сомонӣ ба қайд гирифта шудаанд.



Дар нишаст зикр шуд, ки дар ин давра, тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ба 2130 шаҳрванди бекор ба андозаи 6 млн. 287,1 ҳазор сомонӣ кӯмаки молиявӣ дода шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,6 фоиз ё 74 нафар зиёд мебошад. Аз маблағҳои мазкур барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 935 нафар дар ҳаҷми 3 млн. 11,5 ҳазор сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 660 нафар ба андозаи 2 млн. 125,0 ҳазор сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба 535 нафар ба маблағи 1 млн. 150,5 ҳазор сомонӣ ҷудо шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ин давра аз ҷумҳурӣ 300 284 шаҳрванд ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудаанд. Аз ҷумла, 293 248 нафар муҳоҷири меҳнатии кишвар ба Федератсияи Россия ва 5567 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон рафтаанд. Дар ин давра аз хориҷи кишвар 188 183 нафар муҳоҷири меҳнатӣ ба ватан бозгаштанд.

Дар охир, масъулони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суолҳои хабарнигорон посух доданд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Госдумы одобрили обнуление НДС на транзитные перевозки порожних контейнеров в ЕАЭС

**Документ был разработан группой депутатов во главе с Алексеем Кобилевым из «Единой России»**

Налоговый комитет Госдумы рекомендовал нижней палате парламента принять в первом чтении проект закона о распространении действия нулевой ставки НДС на транзитные перевозки порожних контейнеров и вагонов и о гармонизации налогового законодательства государств - членов Евразийского экономического союза в этой сфере. Законопроект был разработан группой депутатов во главе с Алексеем Кобилевым из «Единой России», пишет ТАСС.

Сейчас основной грузопоток глобальной внешней торговли, который может представлять интерес для российских компаний, формируется на маршрутах Восток - Запад или Азиатско-Тихоокеанский регион (АТР) - Европа с наибольшей долей участия экспортного потенциала Китая в формировании этого направления, отмечает авторы проекта.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Фаъолияти камсамар

## Андозбандию андозсупории иҷорадиҳандагони молу мулк дар кадом сатҳ қарор дорад?

**Яке аз сарчашмаҳои иловагие, ки ба ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ мусоидат мекунад, ба андозбандӣ ҷалб кардани иҷорадиҳандагони молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошад.**

Чуноне ки Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, ба санаи 1 июли соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 16196 нафар шахси воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати умумии объектҳои ба иҷорадодашуда 2069,5 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, маблағи умумии иҷорапулӣ ба 354,3 млн. сомонӣ баробар мебошад. Аз маблағи умумии шартномаҳои баимзорасонидашуда (354,3 млн. сомонӣ) ба маблағи 46,0 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб шуда, дар ин давра пардохти 29,5 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 6 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар мақомоти ҳудудии андоз 1217 адад, масоҳати объектҳои молу мулки баиҷорадодашуда 169,5 ҳазор метри мураббаъ ва маблағи андоз аз даромади ҳисобшуда 17730,5 ҳазор сомонӣ зиёд гаштааст.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, ӯҳдадоранд, ки эъломияи андоз аз даромадро ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт нишон медиҳад, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи Кумитаи андоз, ирсоли мактубҳои дастурию назоратӣ ва ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ, фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нокифоя буда, на ҳамаи иҷорадиҳандагон эъломияҳои андоз аз даромадро бо ҷамъбасти соли 2018 дар мӯҳлати то санаи 01.04.2019 ба мақомоти андоз пешниҳод кардаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк (16196) 1989 адади он дар давраи 6 моҳи соли 2019 ба қайд гирифта шудаанд, ки ӯҳдадории пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад барои субъектҳои мазкур санаи 1 январи соли 2020 фаро мерасад.

Тибқи ҳисоботи ҷамъбастӣ аз 14979 адад иҷорадиҳандаи молу мулк бо ҷамъбасти соли 2018 дар ин давра аз тарафи 12316 нафар ё 82,3 фоизи иҷорадиҳандагони молу мулк эъломияҳои андоз аз даромад ба мақомоти андоз пешниҳод гардида, шумораи иҷорадиҳандагоне, ки



эъломияҳои андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, дар ин давра ба 2676 адад ё 17,8 фоиз баробар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андозии худро бо ҷамъбасти соли 2018 ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод накардаанд, мутаносибан ба шаҳри Душанбе 1278 адад ё 30,2 фоиз, вилояти Суғд 483 адад ё 10,6 фоиз, вилояти Хатлон 455 адад ё 15,2 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 460 адад ё 15,0 фоиз рост меояд.

Ёдовар мешавем, ки дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбати 870 нафар шахси воқеие, ки эъломияи андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, мутобиқ ба талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудааст. Нишондиҳандаи рафти татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз даромад аз ҳисоби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 230 адад ё 47,6 фоиз, вилояти Хатлон 107 адад ё 23,5 фоиз, шаҳри Душанбе 418 адад ё 32,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 115 адад ё 25,0 фоизи шумораи умумии иҷорадиҳандагонро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Зафаробод, Шаҳристон, Хуросон, Дӯстӣ, Панҷ, Носири Хусрав, Восеъ, Темурмалик, Шамсиддин Шоҳин ва Рашт нисбати иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро бо ҷамъбасти соли 2018 пешниҳод накардаанд, умуман протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода нашудааст.

Таҳлил ва муқоисаи ҳисоботи мақомоти ҳудудии андоз нишон медиҳанд, ки ҳолати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷорадиҳандагони молу мулк бо дарназардошти зичии аҳолӣ ва шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Истаравшан, Деваштич, Спитамен, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, Бӯстон, Бохтар, Хуросон, Дӯстӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Левакант, Ёвон, Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Бохтар, Балҷувон, Хоруғ, Дарвоз, Варзоб, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода, Рашт ва Файзобод нокифоя мебошад.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор намудааст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, ба қайд гирифтани объектҳои молу мулки шахсони воқеие, ки ба иҷора дода шудаанд, ва ҳамзамон, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва беҳтар кардани сифати кор дар ин самти фаъолият чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

---

# Бақайдгирии соҳибкорӣ – талаби қонун

**24 июли соли ҷорӣ дар маркази савдои “Саодат” бо иштироки намояндагони мақомоти андоз ва андозсупорандагон семинар-машварат доир гардид.**

**Сараввал сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов баромад намуда, қайд кард, ки ташкили семинар – машваратҳо, вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ҳамеша ба фоидаи кор хоҳад буд. Фарҳанги андозсупории андозсупорандагон ҳар қадар баланд гардад, фаъолияти мақомоти андоз ҳамон қадар самараноктар мешавад.**

Баъдан, сармутахассиси бахши бақайдгирии давлатӣ дар шаҳри Душанбе Ш. Бойназарова суханронӣ намуд. Номбурда гуфт, ки бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №493 гузаронида мешавад ва риояи тартиби он ҳатмист. Зеро барои бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ шудааст.

Сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Мунаввар Раҷабзода дар баромадаш зикр намуд, ки тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, асосан, дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, таҳти №451 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” ҷараён мегирад. Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент ӯҳдадоранд андозҳои муқарраршударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт намоянд. Таъкид шуд, ки соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, аз маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Дар семинар-машварат, ҳамчунин, сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадӣ Ниёзов дар бораи Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) сухан ронда гуфт, ки ҳоло дар Кумитаи андоз Системаи мултимедияи “Контакт-сентр” – Avaya” мавриди истифода қарор дода шудааст, ки дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтаҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги муроҷиаткунандагон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва бештар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад.

Вобаста ба дуруст пешниҳод кардани эъломияҳо ва пардохти андозҳо сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷ. Зокирзода ба андозсупорандагон маълумот дод. Ӯ қайд кард, ки аз оғози моҳи майи соли 2018 Кумитаи андоз дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” аз 31 декабри соли 2014 , таҳти №815 хизматрасонии эквайренгиро мавриди истифода қарор додааст.

Дар охир намояндагони мақомоти андоз ба саволҳои андозсупорандагон ҷавоб доданд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

Боҷу хироҷ
№31 (1180)
Панҷшанбе, 1 августи соли 2019



**Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида истодаанд. Гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна корҳои назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.**

# Хариди назоратӣ

## он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар чӣ гуна ҷараён дорад?

Воқеан, мақсад аз гузаронидани назорати андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти корҳои назорат ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад. Аз ин рӯ, мақомоти андозро зарур меояд, ки дар фаъолияти ин гуна андозсупорандагон корҳои назоратӣ, аз ҷумла хариди назоратӣ гузаронад.



Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки дар фаъолияти андозсупорандагон вобасташуда дар як моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Афғонов иттилоъ дод, дар нимсолаи аввали соли 2019 мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, ба маблағи 8356,3 сомонӣ 2181 хариди назоратӣ гузаронидаанд, ки 5821,9 сомонии он, алҳол, ба буҷет пардохт шудааст ва кор дар ин самт идома дорад.

Ба гуфтаи номбурда, дар нимсолаи аввали соли 2019 аз тарафи дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1534,2 сомонӣ 345 хариди назоратӣ гузаронида ва дар ин асос протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд, ки то имрӯз 1074,8 сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст. Дар ин давра, аз ҷониби Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 63 хариди назоратӣ ба маблағи 216 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 198 хариди назоратӣ ба маблағи 761,9 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд 665 хариди назоратӣ ба маблағи 2199,6 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон 383 хариди назоратӣ ба маблағи 1438,3 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 304 хариди назоратӣ ба маблағи 1363,6 ҳазор сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 226 хариди назоратӣ ба маблағи 842,7 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст, ки аз ин маблағҳо қисми зиёдаш ба буҷет пардохт гардидааст.

Инчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 49 хариди назоратӣ ба маблағи 162 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 24 хариди назоратӣ ба маблағи 116,6 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 45 хариди назоратӣ ба маблағи 147,4 ҳазор сомонӣ, Сино 42 хариди назоратӣ ба маблағи 148,3 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 34 хариди назоратӣ ба маблағи 132 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 13 хариди назоратӣ ба маблағи 66 ҳазор сомонӣ, Файзобод 14 хариди назоратӣ ба маблағи 69,3 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 35 хариди назоратӣ ба маблағи 107,8 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 83 харидӣ назоратӣ ба маблағи 290,5 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 21 хариди назоратӣ ба маблағи 89,1 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 63 хариди назоратӣ ба маблағи 162,8 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 33 хариди назоратӣ ба маблағи 85,8 ҳазор сомонӣ, Исфара 59 хариди назоратӣ ба маблағи 240,4 ҳазор сомонӣ, Конибодом 47 хариди назоратӣ ба маблағи 129,8 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 13 хариди назоратӣ ба маблағи 33 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 16 хариди назоратӣ ба маблағи 53,4 ҳазор сомонӣ, Бӯстон 21 хариди назоратӣ ба маблағи 48,4 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 25 хариди назоратӣ ба маблағи 68,2 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 25 хариди назоратӣ ба маблағи 57,2 ҳазор сомонӣ, Бохтар 24 хариди назоратӣ ба маблағи 77 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 15 хариди назоратӣ ба маблағи 50,6 ҳазор сомонӣ, Ёвон 19 хариди назоратӣ ба маблағи 94 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 12 хариди назоратӣ ба маблағи 44 ҳазор сомонӣ ва Кубодиён 14 хариди назоратӣ ба маблағи 51,7 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст. Умуман, шумораи харидҳои назоратии гузаронидашуда дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 -ум 47 адад (ба маблағи 996,9 ҳазор сомонӣ) зиёд мебошад.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он ки дар шаҳру ноҳияҳои зикргардида хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҳамагӣ як ё ду хариди назоратӣ гузаронида шудааст ё умуман назорат гузаронида нашудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Темурмалик дар нимсолаи аввали соли 2019 ягон хариди назоратӣ гузаронида нашудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод 1 хариди назоратӣ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Нуробод 2 хариди назоратӣ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Лахш 1 хариди назоратӣ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Варзоб 3 хариди назоратӣ ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 2 хариди назоратӣ ба маблағи 6,6 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 3 хариди назоратӣ ба маблағи 13,2 ҳазор сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 1 хариди назоратӣ ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ, Балҷувон 1 хариди назоратӣ ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 1 хариди назоратӣ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ ва Шаҳристон 4 хариди назоратӣ ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин албатта, аз фаъолияти нокифояи кормандони нозиротҳои андоз дарак медиҳад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани харидҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супориши Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд, камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдоштаро давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолиятро беҳтару хубтар таъмин кунанд. Инчунин, соҳибкоронро зарур аст, ки ҳатман аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд ва ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## Васила муайян намудани даромад ва хароҷоти воқеӣ

**Гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба иҷрои босифати нақшаи воридоти андоз ба буҷет ва ба андозбандӣ ҷалб намудани андозсупорандагон хуб мусоидат менамояд. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани бархе аз андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.**

Вобаста ба ин, кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе дар нимсолаи якуми соли 2019 дар фаъолияти 114 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузарониданд.

Аз ин шумора 68 адад муоинаи гузаронидашуда ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе тааллуқ дорад. Бояд гуфт, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 1 млн. 943 752 сомонро ташкил медод ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ он ба 3 млн. 830 741сомонӣ баробар шуд, ки фарқият 1 млн. 886 989 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 56 334 сомонӣ рост меояд. Инчунин, 4 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур мансуб буда, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 66 367 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 132 909 сомониро ташкил намудааст ва фарқият 66 542 сомонӣ мебошад, ки ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 33 227 сомонӣ рост меояд. 25 адади дигар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ мутааллиқ аст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 622 377 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба 1 млн. 236 378 сомонӣ расидааст, ки фарқият 614 091 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 49 455 сомонӣ рост меояд. Ҳамчунин, 3 адад муоинаи хронометражӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ мансуб буда, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 48 879 сомониро ташкил додаанд, аммо баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 98 456 сомонӣ зиёд гардидааст, ки фарқияташ 49 577 сомонӣ мебошад ва ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 32 800 сомонӣ рост меояд. Аз шумораи муоинаҳои гузаронидашуда 14 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино тааллуқ дошта, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 305 465 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 577 696 сомониро ташкил кардаанд. Фарқият 272 231 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 41 264 сомонӣ рост меояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин давра шумораи протоколҳои тартибдодашуда 71 ададро ташкил намуданд. Аз ин 46 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 1 адад ба Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур, 12 адад ба Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 3 адад ба Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ва 9 адади дигар ба Нозироти андози ноҳияи Сино рост меояд, ки маблағи умумии протоколҳои тартибдодашуда 323 400 сомониро дар бар мегирад.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ

**Маҳз фаъолияти муассисаю ташкилотҳо ва корхонаю хоҷагиҳо, метавонанд дар рушду иқтисодиёти кишвар хуб мусоидат кунанд. Фаъолияти аксар корхонаю ташкилотҳо, хоҷагиҳои деҳқонии мамлакатамон, тавре ба назар мерасад, хеле самарабахшанду онҳо дар пешрафти иқтисодиёт, пурра гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии мардум саҳми арзанда гузошта истодаанд.**



Ба санаи 1 июли соли 2019 нақшаи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба андозаи 105,8 фоиз таъмин гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 3,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Яъне ба ҷои 58,8 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет 62,2 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, новобаста аз он ки иҷрои нақшаи андози ягона, дар маҷмӯъ, барзиёд таъмин гардидааст, аммо нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шуғнон (13,6%), Бохтар (34,0%), Абдураҳмони Ҷомӣ (79,7%), Левакант (86,5%), Восеъ (89,2%), Фархор (89,1%), Конибодом (97,3%), Панҷакент (80,2%), Ашт (97,8%), Деваштич (70,9%), Зафаробод (85,9%), Мастчоҳ (96,6%), Бобоҷон Ғафуров (97,2%), Шаҳристон (90,8%), Турсунзода (94,0%), Нуробод (83,6%) ва Шаҳринав (90,3%) аз ӯҳдаи иҷрои нақшаи пешбинишуда баромада натавонистанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 304 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ӯҳдоранд, ки ҳар сол то 1 марти соли ҷорӣ эъломияи андози ягонаро ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замини худ пешниҳод карда, пардохти маблағи андозро тибқи тартиб ва андозаи муқарраршуда ба буҷет таъмин намоянд. Таҳлили пешниҳоди эъломияи андози ягона аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти зикршуда аз ҷониби на ҳамаи андозсупорандагон риоя мешавад.

Чуноне аз таҳлили маълумот бармеояд, ба ҳолати 1 июли соли 2019 шумораи супорандагони андози ягона 158052 ададро ташкил дода, дар ин давра 143846 адад ё 91,0 фоизи хоҷагиҳои дар қайди мақомоти андозбуда эъломияи андози ягонаи худро барои соли 2019 пешниҳод намудаанд, ки тафовути шумораи хоҷагиҳое, ки эъломияи андозии худро пешниҳод накардаанд, дар миқёси ҷумҳурӣ ба 14206 адад ё 9,0 фоиз баробар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои соли 2019 эъломияи андози ягонаи худро пешниҳод накардаанд, ба вилояти Суғд 3718 адад, вилояти Хатлон 8686 адад ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 765 адад рост меояд.

Тибқи иттилои манбаъ, дар аксар маврид аз ҷониби супорандагони андози ягона маблағи андоз пардохт гардида, эъломияи он ба мақомоти андоз пешниҳод намешавад. Аммо, бино бар сари вақт дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон нагузаронидани маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо ва сари вақт ба махзани маълумот ворид накардани эъломияҳои андози ягона, боиси дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ба миён омадани изофапулӣ гардидааст. Яъне, на ҳамаи маблағҳои изофапулиҳои андози ягона, ки дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миён омадаанд, асоси вокеӣ дошта, изофапулиҳои бавуҷудомада, асосан, аз ҳисоби сари вақт дохил накардани эъломияҳои аз ҳисоби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳодшуда ба вуҷуд омадаанд.

Чунончи, муайян шудааст, ки аз ҳисоби сари вақт нагузаронидани маблағҳои ҳисобшудаи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар 4397 ҳолат барои соли 2019 дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ изофапулиҳои беасос ба миён омадааст.

Қобили зикр аст, ки пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо бо дарназардошти зиёд будани хоҷагиҳо ва дар заминаи барҳамхӯрии хоҷагиҳои калон ба миён омадани хоҷагиҳои зиёди нав ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти мақомоти андоз табдил ёфтааст.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки соҳиби Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин гаштаанд, дар маҷмӯъ, 182765 ададро ташкил медиҳанд. Аз рӯи махзани маълумоти мақомоти андоз то санаи 1 июли соли 2019 ҳамагӣ 158554 ададӣ он бақайдгирии давлатиро гузаштаанд, ки 502 ададӣ он ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 62885 адад ба вилояти Хатлон, 62910 адад ба вилояти Суғд ва 32257 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд. Муқоисаи маълумоти Кумитаи замин бо маълумоти мақомоти андоз оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар санаи зикршуда нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ, 24202 адад хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз нестанд.

Вобаста ба ин, корҳо дар самти бақайдгирии пурраи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз идома дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сабаби ба миён омадани фарқиятҳо байни мақомоти андоз ва Кумитаи идораи замин аз омилҳои зерин ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, тавре мебинем, солҳои охир аз ҳисоби таҷдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм ташкил шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ босуръат идома дорад ва ин ҳолат боиси зиёд шудани шумораи чунин гурӯҳи андозсупорандагон гашта, бақайдгирии сариваҳтии онҳоро мураккаб гардонида истодааст. Таҳлилу омӯзишҳо ва корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки дар аксар ҳолатҳо таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонии калонҳаҷм дар доираи барномаҳои ғайридавлатӣ (Марказҳои кадастрӣ) дар якҷоягӣ бо мақомоти идораи замин сурат гирифта, дар як қатор ҳолатҳо аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мақоми худ ва ӯҳдадориҳои андозии ба зимаашон гузошташуда пурра огоҳ намешаванд.

Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории сафарбаршуда дар ин самт нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои дигари мавҷуд будани тафовут оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ байни маълумоти мақомоти андоз ва замин ин ба таври фаврӣ ворид накардани маълумот ба тавозуни замин ё сари вақт аз он хориҷ накардани хоҷагиҳои барҳамхӯрда мебошад. Масалан, дар асоси қарори раиси шаҳри Конибодом аз 25.09.2014, қитъаҳои замини 55 адад хоҷагии деҳқонӣ ба фонди махсуси шаҳр гирифта шудааст, аммо номгӯи субъектҳои мазкур то ҳол дар тавозуни замини шаҳри Конибодом инъикос гардида истодааст.

Мисоли дигар. Бо қарори раиси шаҳри Конибодом аз 19.09.2016 ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагиҳои деҳқонии "Карима И", "Соҳиба И", "Тоҳир И", "Шуҳрат И" ва "Истиқлол" қатъ гардонида шуда, дар заминаи онҳо танҳо як хоҷагии деҳқонӣ "Фарҳодобод" таъсис ёфтааст. Аммо хоҷагиҳои зикршуда то ҳол дар тавозуни замини шаҳр мавҷуд буда, сабаби зиёд гардидани шумораи хоҷагиҳои беқайд гаштааст.

Ҳолати дигаре, ки боиси пайдо гардидани тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни маълумоти мақомоти андоз ва замин гардида истодааст, ин аз ҷониби идораҳои замини шаҳру ноҳияҳо дар тавозуни замин такроран сабт намудани қитъаҳои замини иловагӣ ба хоҷагиҳои ҷудошуда мебошад. Масалан, ба шаҳрванд Шуҳрат Мирзоев тибқи қарори раиси шаҳри Конибодом аз 15.08.2007, №275 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори умумии 2,52 га замин ҷудо шудааст. Вобаста ба ин, Ш. Мирзоев санаи 29.12.2008 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Бо қарори дигари раиси шаҳри Конибодом аз 19.05.2008, №168 иловатан ба ӯ ба миқдори 3,12 га замин ҷудо гардидааст, аммо ба номи номбурда дар тавозуни идораи замини шаҳри Конибодом 2 адад хоҷагии деҳқонӣ сабт шудааст.

Ҳамзамон, доир ба фарқи нишондиҳандаҳои мақомоти андоз бо мақомоти идораи замин бояд қайд намуд, ки тибқи омӯзиши таҳлилҳо ва хулосаҳои гурӯҳҳои корӣ дар аксар мавридҳо дар мақомоти андоз сари вақт ба қайд нагирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз омилҳои зиёде вобастагӣ дорад ва ин амал дар доираи қонунгузории амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифтани онҳоро ғайриимкон мегардонад.

**АЗ ҶУМЛА:**

- *бе хабардошти шаҳрвандон аз ҷониби Маркази кадастрӣ тақсим намудан ва ба номи онҳо додани Сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин;*
- *даст кашидани шаҳрвандон аз истифодаи қитъаи замини вобастишуда, аммо дар маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ҳамчун амалкунанда дарҷ шудани онҳо;*
- *мутобиқат накардани ному насаби дар Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дарҷгардида бо ному насаб дар шиноснома;*
- *дар муҳоҷирати меҳнатӣ будани роҳбар ва саҳмдорони хоҷагӣ;*
- *номуайян будани қитъаи замини ҷудошуда;*
- *ба номи як шаҳрванд ташкил намудани якчанд хоҷагии деҳқонӣ;*
- *вафот кардани роҳбар ё саҳмдорони хоҷагӣ, аммо ба расмият надаровардани ҳолати бамиёномада.*

**Т. ЗИКРУЛЛОЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## В ОАЭ система tax free начнет работать на всей территории страны

**Система, позволяющая иностранным гражданам возместить уплаченный НДС за покупку товаров (tax free), начнет работать на всей территории ОАЭ.**

Около месяца назад система tax free начала работать в международных аэропортах Абу-Даби, Дубая и Шарджи. С 16 декабря она будет дополнительно запущена в трех других международных аэропортах, двух морских портах в Абу-Даби и Дубае и четырех сухопутных погранпунктах.

По заявлению Федеральной налоговой службы ОАЭ, в ходе первой фазы внедрения системы tax free ежедневно обрабатывалось около 3,8 тысячи заявок на возмещение налога.

Система tax free в ОАЭ является полностью автоматизированной, возврат средств осуществляется в специальных киосках по чеку и копии паспорта. Компания-оператор удерживает 15% от суммы уплаченного налога в качестве вознаграждения, а также взимает сбор в размере 5 дирхамов ОАЭ (1,3 доллара) за каждую операцию.

https://ria.ru

# Корҳои назоратӣ бояд хусусияти фаҳмондадиҳӣ дошта бошанд

**Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, он ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**

Гуфта мешавад, ки корҳои назоратӣ бояд ҳатман хусусияти фаҳмондадиҳиро дошта бошанд ва дар давраҳои минбаъда бояд санҷишҳои сайёри андозсупорандагон (ҳозир шудан ба ҷойи фаъолияти андозсупоранда) маҳдуд шуда, бо мақсади сарфаи вақти андозсупоранда ва мақомоти андоз дар доираи маълумоти пешниҳодгардида корҳои назоратӣ гузаронида шаванд.

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳад, ки маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонунунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Яке аз самтҳои асосии корҳои назоратии мақомоти андоз ин гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақомоти ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида мешавад.

Ин раванд дар мақомоти ҳудудии адоз низ бомаром идома дорад. Аз ҷумла, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 306 андозсупоранда, ба маблағи 3 миллиону 530 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуда, огоҳиномаҳо ирсол шудааст. Пас аз пешниҳоди огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 3 миллиону 41 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст.

Тавре аз нозироти андоз иттилоъ доданд, дар ин давра аз ҳисоби эъломияҳои пешниҳодшуда, ба маблағи 2 миллиону 603,8 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст, ки аз ин 75 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳақдорӣ пушонида шудааст. Инчунин, нисбати 1 андозсупоранда аз рӯи натиҷаи назорати камералӣ ба маблағи 241,2 ҳазор сомонӣ бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳо қарор қабул шудааст.

Манбаъ қайд намуд, ки дар ин давра, аз тарафи кормандони нозирот дар фаъолияти 188 андозсупоранда санҷишҳои риояи қонунгузории андоз ва санҷишҳо оид ба қатъи фаъолият гузаронида шудааст, ки аз ин ҳисоб 148,2 ҳазор сомонӣ маблағи барилова ҳисоб ва он пурра ба буҷет ворид гардидааст.

Яке аз самтҳои дигари корҳои назоратии мақомоти андоз ин гузаронидани муоинаи хронометражӣ мебошад, ки он бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.

Дар ин давра Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати се нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидааст, ки дар натиҷа, даромади умумии моҳонаи андозсупорандагони таҳти санҷиш қарордошта аз 48,9 ҳазор сомонӣ ба 98,5 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқияти он 49,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Санҷиши амалиётӣ низ яке аз самтҳои асосии корҳои назоратии мақомоти андоз ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дар ҳудуди ноҳия 2 санҷиши амалиётии андоз гузаронидаанд, ки дар натиҷа, 23,5 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ошкор гардида, он ба буҷет ворид гардидааст. Инчунин, дар ин давра дар фаъолияти 45 андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Барои риоя накардани қонунгузории андоз 45 протоколи маъмурӣ тартиб ёфта, 147,4 ҳазор сомонӣ ҷарима муқаррар шудааст. Ба ҳолати 1-уми июли соли 2019-ум 76,8 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст.

Корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз маҳсуб мешавад, дар пешгирӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини риоя қонунгузории андоз ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон метавонад хуб муосидат намоянд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

**ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ**

# Шаҳрвандоне, ки аз андозҳои молу мулки ғайриманқул қарздоранд

**Табиист, ки татбиқ намудани барномаҳои ҳукуматӣ, таъмин намудани маошу нафақаи шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аз ҷамъоварии саривақтии андозҳо ва ғанӣ гардонидани буҷет вобаста мебошад.**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути рӯзномаи “Боҷу хироҷ” аз шаҳрвандон ва соҳибмулкони дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул (хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин) хоҳиш намудааст, ки маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд. Ҳамчунин, хотиррасон шудааст, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

Қисме аз шаҳрвандони аз андозҳои молу мулки ғайриманқул қарздор дар ин робита бо дарки масъулият маблағҳои қарзи худро ба буҷети мамлакат пардохт карданд. Аммо дар ин радиф нафаронеро низ метавон пайдо кард, ки аз каммасъулиятӣ ҳанӯз ҳам маблағҳои қарзи андозро ба буҷет пардохт накардаанд. Дар ҷадвали зерин рӯихати нафаронеро, ки бақияи қарзи андозҳояшон рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст, пешниҳод мекунем.

**Рӯихати соҳибмулконе, ки дар назди буҷет ба ҳолати 1.07.2019 аз андозҳо аз молу мулки ғайриманқул қарздор мебошанд.**

| СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА | | | |
|---|---|---|---|
| Р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
| 1 | Аҳмад Раҳмонов | Ҷ/д. Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 15800 |
| 2 | Маҳмуд Ҷалолов | Ҷ/д. Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 6120 |
| 3 | Абдулло Исматов | Кӯчаи Киров | 8550 |
| 4 | Бозоргул Миралиева | Ҷ/д. Лоҳур, деҳаи Сарфароз | 7560 |
| 5 | Орзу Раупов | Ҷ/д. Лоҳур, деҳаи Сафобахш | 15600 |
| 6 | Сафаралӣ Давлатов | Ҷ/д. Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 2300 |
| 7 | Умаралӣ Ҳусайнов | Ҷ/д. Шаҳрак | 10000 |
| 8 | Файзиддин Сафаров | Ҷ/д. И. Шариф | 3500 |
| 9 | Ибодулло Суфиев | Ҷ/д. И. Шариф | 1500 |
| 10 | Баҳодур Қурбонов | Ҷ/д. Себистон | 6000 |
| 11 | Фирӯз Ғаниев | Ҷ/д. Корез | 1500 |
| 12 | Муродалӣ Ғаниев | Ҷ/д. Корез | 1350 |
| 13 | Файзиддин Сафаров | Ҷ/д. Шаҳрак | 11225 |
| 14 | Баҳодур Нозанинов | Ҷ/д. Корез | 3200 |
| 15 | Қузрат Абдуллоев | Ҷ/д. Корез | 462 |
| 16 | Мирзошо Ҳасанов | Ҷ/д. Корез | 724 |
| 17 | Хушвахт Мирзоев | Маҳаллаи 8 | 1500 |
| 18 | Исмоил Каримов | Кӯчаи К. Қурбонов | 1000 |
| 19 | Сайҳомиддин Алимов | Ҷ/д. Оксу, деҳаи Хушманзар | 1300 |
| 20 | Аслиддин Гурезов | Ҷ/д. И. Шариф | 800 |
| 21 | Файзулло Шамсуллоев | Ҷ/д. И. Шариф | 1000 |
| 22 | Қурбоналӣ Сайфов | Ҷ/д. И. Шариф | 800 |
| 23 | Илёс Абоев | Ҷ/д. И. Шариф | 3000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **104791** |

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Налоговый комитет Госдумы одобрил увеличение НДС на пальмовое масло

## Сейчас пальмовое масло облагается по ставке 10%



Налоговый комитет рекомендовал нижней палате парламента принять изменения, которые повышают ставку НДС для пальмового масла до 20%, пишет Росбалт.

В данный момент пальмовое масло облагается по ставке 10%. Поправку рассмотрят на сегодняшнем заседании Госдумы.

Льготная ставка НДС на пальмовое масло была введена постановлением правительства России от 31 декабря 2004 г., которым были утверждены виды продовольственных товаров и товаров для детей, которые облагаются НДС по налоговой ставке 10%.

**Источник: http://taxpravo.ru**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

# Афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

**Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 24 июли соли 2019 дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар нимсолаи якуми соли 2019-ум 31,3 млрд. сомонӣ ва афзоиши воқеии он 7,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 0,3 фоиз зиёд мебошад.**

Гуфта шуд, ки дар ин давра қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 0,1 фоиз коҳиш ёфтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,7 фоиз кам мебошад. Тағйирёбии мӯътадили қурб зери таъсири якчанд равандҳои мусоиди иқтисодию молиявии ҷаҳону минтақа, бахусус давлатҳои шарикони асосии тиҷоратӣ ва инчунин маҷмӯи чораҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ сурат гирифтааст.

Ҷ. Нурмаҳмадзода иттилоъ дод, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ 78 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 24 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 31 фонди қарзии хурд, инчунин 327 филиал ва 1431 адад маркази хизматрасонии бонкӣ фаъолият менамоянд.

Ба ҳолати 30 июни соли 2019 шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ 698 ва 4903 ададро ташкил намуда, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 шумораи банкоматҳо 19 адад ва терминалҳои электронӣ 968 адад зиёд шудааст. Аз ин миқдор дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 1642 адад ва дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 3261 адад терминалҳои электронӣ насб гардиданд.

Миқдори умумии воситаҳои электронии пардохтии аз ҷониби ташкилоти қарзии ватанӣ ба муомилот баровардашуда зиёда аз 2587,1 ҳазор ададро ташкил дод. Миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 24,4 фоиз зиёд гардида, 2 132,0 ҳазор нафарро ташкил намудааст.

Дар охир, рӯзноманигорон ба саволҳои худ посух гирифтанд.

**М. ҶУМЪА**

# Баррасии парвандаҳои иқтисодӣ



**Раиси Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон Мавлуда Қаландарзода дар нишасти матбуотӣ, ки 24-уми июли соли равон баргузор гардид, гуфт, ки доир ба рӯёнидани зарар ва маблағҳое, ки аз муносибатҳои қарзӣ бармеоянд, дар судҳои иқтисодӣ дар нимсолаи аввали соли равон талабот нисбат ба 99461537 сомонӣ қонеъ гардида, 1925416 сомонӣ боҷи давлатӣ рӯёнида шудааст.**

Номбурда қайд намуд, ки натиҷаи омӯзиш ва таҳлили фаъолияти корӣ дар самти баамалбарории адолати судӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра ба судҳои иқтисодӣ 1888 аризаи даъвогӣ ва шикояту дархост ворид гардида, аз ин 1153 парванда моҳиятан бо баровардани санадҳои судӣ баррасӣ шудааст. Истеҳсолот доир ба 66 парванда қатъ гардида, 73 ариза бе баррасӣ монда, 2 парванда аз рӯи тобеият ирсол шудааст. Шумораи умумии парвандаҳои баррасишуда 1660 ададро ташкил намуда, нисбат ба нимсолаи аввали соли 2018-ум 102 адад зиёд шудаанд.

Таъмини иҷрои санадҳои судӣ нисбат ба солҳои қаблӣ беҳтар шуда, тибқи маълумоти пешниҳодгардида дар давраи ҳисоботӣ 53527182 сомонӣ воқеан ҳамчун маблағҳои боҷи давлатӣ ва зарари расонидашуда иҷро шудааст.

Дар татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон судҳои иқтисодӣ саҳмгузор буда, 164 парванда дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ гардидаанд. Марбут ба парвандаҳои баррасигардида дар 130 ҳолат вайронкунии қонун ошкор шуда, ҷиҳати бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба вайронкунии қонун оварда расонидааст, бо мақсади ҷалб намудани диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор таъиноти хусусӣ баровардa, барои чораҷӯӣ ирсол шудааст.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

**Ф. ҶОВИД**

# Хизматрасонии электронӣ

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои андозсупорандагоне, ки ба шабакаи Интернет дастрасӣ надоранд ё дорои малакаи кофии корӣ барои ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо нестанд, дар нозиротҳои андози 28 шаҳру ноҳия хуҷраҳои алоҳида (терминалҳо) кушодааст, ки онҳо бо дастгоҳҳои компютерӣ ҷиҳозонида шудаанд.**



Тавре мутахассиси пешбари Раёсати хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Меҳроб Исмоилов зикр кард, айни ҳол, дар маҷмӯъ, 35419 андозсупоранда (24432 соҳибкори инфиродӣ ва 10987 шахси ҳуқуқӣ) аз хизматрасониҳои хуҷраҳои алоҳида (терминалҳо) истифода карда, эъломияҳои андозро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ санаи 10 майи соли 2019 баён доштанд, ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, аз 13 майи соли ҷорӣ ба даст овардани сертификати имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ройгон ба роҳ монда шуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, дар нимсолаи аввали соли 2019 ба андозаи 15960 адад зиёд шуда, дар айни замон зиёда 94 ҳазор субъекти хоҷагидор (85% шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома амалкунанда (ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) эъломияҳои худро бо ин тартиб пешниҳод намуда, ба 102573 соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд (100%), оид ба ҳисоби уҳдадории андозӣ ва пардохти онҳо аз ҷониби мақомоти андоз тариқи электронӣ хизмат расонида мешавад. Дар натиҷа, то имрӯз, дар маҷмӯъ, зиёда аз 196 ҳазор андозсупоранда аз тартиби мазкур истифода карда истодаанд.

Дар натиҷаи ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ танҳо дар моҳҳои май ва июни соли 2019-ум, 12410 андозсупоранда дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба қайд гирифта шуда, аз давраи соли 2013 то 01.07.2019, дар маҷмӯъ, 86661 андозсупорандаро ташкил медиҳад. Ҳол он ки қаблан дар як сол ба ҳисоби миёна танҳо 12300 андозсупоранда эъломияҳои андозро ба таври электронӣ пешниҳод менамуданд.

Мақомоти андоз минбаъд низ тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андоз ва “Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ”, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26.01.2013, таҳти №2-ф тасдиқ гардидааст, ҷиҳати аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз чораҳои иловагӣ меандешанд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Комитет Госдумы одобрил законопроект о снижении до 10% НДС на плодово-ягодную продукцию

> Госдума сегодня законопроект во втором чтении

Налоговый комитет Госдумы рекомендовал нижней палате парламента принять во втором чтении проект закона об установлении пониженной ставки НДС для плодово-ягодной продукции, пишет ТАСС.

Законопроект, который вносит поправки в налоговое законодательство, инициировали лидеры всех думских фракций во главе со спикером Госдумы Вячеславом Володиным. Госдума сегодня законопроект во втором чтении.



Документом предусматривается включение в список продовольственных товаров, налогообложение реализации которых производится по налоговой ставке 10%, фруктов и ягод (в частности, винограда).

Ранее мы писали, что правительство определит плоды и ягоды, которые попадают под налоговые льготы.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# П У Р С И Ш Н О М А

вобаста ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

*Махфияти пурсишнома нигоҳ дошта мешавад*

**Андозсупорандаи муҳтарам!**

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10.05.2019 баён гардидаанд, ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №АП -1236 дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав таъсис дода шудааст.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки бо мақсади муайян намудани андешаҳои шаҳрвандон - андозсупорандагон, субъектҳои соҳибкорӣ, ташкилоту муассисаҳо оид ба камбудӣ ва норасоиҳои дар Кодекси андози амалкунанда ҷойдошта ва дар таҳрири нави Кодекси андоз бартараф намудани онҳо таклифу пешниҳодҳои худро тибқи пурсишномаи мазкур ба Кумитаи андоз ирсол намоед.

Таклифу пешниҳодҳои шумо гурӯҳбандӣ шуда, ҳангоми таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар Гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасӣ мешаванд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки посухҳои худро ба пурсишнома то 01.09.2019 пешниҳод намоед.

***Эзоҳ: Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.***

## П У Р С И Ш Н О М А

Ному насаб ё рақами телефони иштирокчии пурсишнома ______________________________

*(Агар иштирокчӣ хоҳиши махфӣ нигоҳдоштани ному насаби худро дошта бошад, пас ба ҷои ному насаб калимаи «Махфӣ» навишта мешавад)*

**Категорияи иштирокчӣ:** шахси ҳуқуқӣ ___; шахси воқеӣ ___.

Санаи тартиб додани пурсишнома «____»____________ соли 2019

1. Аз нигоҳи шумо кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда садди роҳи пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст ва ё барои рушди он монеа эҷод намуда истодааст?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз | Шарҳи ҳолатҳое, ки боиси садди роҳи пешрафти рушди фаъолияти шумо гардида истодааст (дар Кодекси андози амалкунанда) | Пешниҳод барои бартараф кардани ҳолати ҷойдошта дар таҳрири нави Кодекси андоз | Асосноксозии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

2. Кадом муқаррароти Кодекси андози амалкунанда миёни андозсупорандагон ва мақомоти андоз нофаҳмиҳоро ба миён меоранд?

| Номгӯи сархат, қисм, моддаи Кодекси андоз, ки дар он нофаҳмӣ ё номуайянӣ ҷой дорад | Бо кадом сархат, қисм, моддаи дигари Кодекси андоз мухолифат менамояд | Пешниҳод барои бартараф кардани мухолифат ва номуайянӣ | Асосноксозии пешниҳод |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

3. Дар ҳисоб ва пардохти андозҳо чӣ мушкилиҳо доред?

| Мушкилиҳои ҷойдошта | Заминаи ба миён омадаи мушкилиро дар чӣ мебинед? | Пешниҳод барои бартараф кардани мушкилиҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

4.Нисбати номгӯи андозҳои амалкунанда ва меъёрҳои онҳо фикру андешаҳои худро баён намоед.______

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

5. Андешаҳои шумо оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз (санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва амалиётии андоз, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ). ______________________________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

6.Барои пешгирии иқтисоди пинҳонӣ (фаъолияти соҳибкории ғайрирасмӣ), дар асоси қонунгузорӣ ба роҳ мондани андозбандии савдои электронӣ чӣ гуна таклифҳо доред? Вобаста ба пешгирии иқтисоди соягӣ дар Кодекси андоз дар таҳрири нав кадом муқаррарот пешбинӣ карда шавад? ____________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

7. Дар таҳрири нави Кодекси андоз маъмурикунонии андоз, аз ҷумла хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагонро, чӣ гуна дидан мехоҳед? ______________________________________________

______________________________________________________________________________

***Эзоҳ:*** *Тибқи муқаррароти Кодекси андоз маъмурикунонии андоз маҷмӯи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз амалишавандаи назорати андоз, маҷбуран ситонидани андоз нисбат ба уҳдадории андози дар муҳлаташ иҷронашуда, инчунин хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.*

8. Пешниҳод аст, ки барои тибқи қонунгузорӣ пеш набурдани ҳисобдории муҳосибӣ дар қонунгузорӣ ҷавобгарӣ пурзӯр карда шавад. Ба андешаи шумо оё дар Кодекси андоз дохил намудани муқаррароти нав оид ба ҳамин масъала зарурат дорад? ______________________________________________

______________________________________________________________________________

9. Дигар пешниҳодҳои шумо барои таҳрири нави Кодекси андоз ________________________________

______________________________________________________________________________

**Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ**

# Таҳкими ҳамкориҳо дар самти муқовимат бо коррупсия



**25-уми июли соли 2019 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфили навбатии журналистикаи иқтисодии «Тавозун» дар мавзӯи «Таҳкими ҳамкориҳои муштараки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ дар самти муқовимат бо коррупсия» баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби кишвар ва дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносон ва васоити ахбори омма ширкат варзиданд.

Тавре гуфта шуд, мақсади ҳамоиш ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма (ВАО) ба муҳокимаи фаъоли масъалаҳои мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон ва таъмини шаффофияти ҷараёни он аст, ки самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад. Ҷиноятҳои коррупсионӣ фаъолияти муътадили мақомоти давлатиро халалдор намуда, ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқу афкор ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур зери назорати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Тавре Пешвои миллат дар яке аз паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ таъкид кардаанд: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад».

Дар нишаст ду маърӯза пешниҳод гашт, ки дар атрофи онҳо оид ба дастовардҳо дар сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилиҳои ҷойдошта, рушди заминаи ҳуқуқӣ барои пешгирии коррупсия, имкониятҳои нави иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО дар ҷараёни афзоиши шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти васеъ пешниҳод гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Намояндагони сохторҳои дахлдори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносон фикру ақидаҳои худро оид ба муқовимат бо коррупсия, усулҳои пешгирии он, ҳамкориҳои идораҳои давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ иброз доштанд ва ба саволҳои рӯзноманигорон атрофи эътимоди мардум ба идораҳои давлатӣ, натиҷагириҳои тадқиқоти байналмилалӣ оид ба сатҳи коррупсия дар Тоҷикистон, усулҳои ҳамкорӣ ва робита бо шаҳрвандон ҳангоми муқовимат бо коррупсия, ҷорӣ намудани муроҷиати электронии шаҳрвандон ба мансабдорон, пешгирии ришва, масоили вуҷуддошта дар бахши эъломияи молу мулки хизматчиёни давлатӣ, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ ва дигар масъалаҳои рӯзмарра посух доданд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**ЭЪЛОН**

## Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва Маркази тамос ба воситаи рақами телефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, барои соли 2020 оғоз шудааст.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.


# Гургон дар пӯсти гӯсфанд

## Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзат мисли аксар ҳизбу ҳаракатҳои дигар ба бозичаи дасти давлатҳои абарқудрат табдил гардидааст

Воқеан, ҳаёти кишварҳои мусалмонӣ имрӯз нишон дода истодааст, ки таъсис додани ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин дастгирӣ ёфтани онҳо аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ як мушкилоти сарбаста гардидааст. Пайванд кардани фаъолияти ин ҳизбу ҳаракатҳо бо ислом масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад. Аз ин рӯ тамоми кишварҳои мутамаддини ҷаҳон имрӯз алайҳи ин ҳизбу ҳаракатҳои хатарнок бархоста, зидди онҳо муташаккилона мубориза бурда истодаанд.

Тоҷикистони азиз дар марҳалаҳои аввали соҳибистиқлолии хеш ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз қатлу ғорат, идеологияи зиддимиллӣ ва харобкориҳои зиддибашарии ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои хатарзо дар амн набуд.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар баробари ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар зери таъсири гурӯҳҳои алоҳидаи дохилӣ ва хориҷӣ раванди эҳёи дин хусусияти ифротгароӣ касб намуд. Ҷиҳати пешгирӣ намудани ин падидаи номатлуб ва оқибатҳои иҷтимоии он, баҳри ҳифзи арзишҳои милливу мазҳабии мардуми шарифи тоҷик, зарурати аз нигоҳи қонунгузорӣ танзим намудани масоили динӣ пеш омад ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода муваффақ шуд. Мутаассифона, дар ҷомеа ҳизбу гурӯҳҳое пайдо гардиданд, ки бо истифода аз эътиқоди мардуми мусалмони кишвар дини мубини исломро ҳамчун василаи ноил гардидан ба манфиатҳои ғайриинсонии худ истифода намуданд. Ин ҳолат сабаби сар задани низоъҳои сангин дар ҷомеаи тозаистиқлоли мамлакат гардид. Аз ҷумлаи чунин ҳизбҳо ТЭТ ҲНИ ба ҳисоб меравад.

Пӯшида нест, ки низоми сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои 90-уми садаи гузашта бунёди ақидатӣ дошт. Маҳз аз ҷониби ТЭТ ҲНИ амну суботи ҷомеа, ки орзуву ормони ҳар як сокини мамлакат ба шумор мерафт, хароб гардида, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар вартаи завол қарор гирифта буд. Ин гурӯҳ тавассути сӯиистифодаи шиорҳои динӣ дар байни мардум ҷудоӣ андохта, бародарро бо бародар, падарро бо писар душман сохт. ТЭТ ҲНИ бо кӯмаку пуштибонии “дӯстони хориҷиаш” кӯшиш ба харҷ дод, ки исломи суннатӣ (ҳанафия)-ро дар мамлакат ба исломи бунёдгаро табдил диҳад ва тамоми масоили ҷамъиятию сиёсиро на дар асоси принсипҳои давлати демокративу дунявӣ, балки тибқи талаботи исломи бунёдгарои сиёсикунонидашудаи бегона ҳал кунанд. Хушбахтона, ба туфайли заҳмату талошҳои пайвастаи халқи шарифи тоҷик ва асилзодаҳои Ватани азизамон ТЭТ ҲНИ натавонист он ҳадафу вазифаҳоеро, ки аз ҷониби хоҷагонашон бар дӯш гирифта буданд, амалӣ гардонад.

Бо риоя аз принсипҳои дунявият ва бо мақсади бунёди ҷомеаи демократӣ, Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ фаҳмиши дурустро дар масъалаи табодули тарафайни давлату дин ташаккул дод. Вале ТЭТ ҲНИ пайваста дунявиятро ҳамчун яке аз принсипҳои ҷомеаи демократӣ инкор намуда, онро ба мардум тавре шарҳ медод, ки гӯё он ба дин комилан мухолиф ва оштинопазир буда, аз ин рӯ маънои бединиро дошта бошад. Ҳамин гуна ақидаҳои пучу ботили ин ташкилот буд, ки сабабгори валангор гардидани шаҳру навоҳии мамлакат, авҷ гирифтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва кушта шудани зиёда аз сад ҳазор мардуми осоишта гардид. Оқибатҳои сангини пайвастани дину сиёсатро дар таъриху тақдири тоҷикон мо дар мисоли ТЭТ ҲНИ дар даҳаи охири асри гузашта бараъло мушоҳида кардем, ки ҳанӯз аз хотироти мардум он ҳодисаҳои шум зудуда нашудаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Ҳукумати ҷумҳурӣ дар робита бо ин гурӯҳи ҷиноятпеша аз сиёсати инсонсолории худ иқдом намуд. Аммо ин гургсифатон чун гург дар пӯсти гусфанд ба таври пӯшидаю пинҳонӣ аз ин сиёсат сӯиистифода карданд. Ҳодисае, ки шаби 4 сентябри соли 2015 ба амал омад, далели возеҳи он аст, ки ТЭТ ҲНИ, дар ҳақиқат, ташкилоти террористии зиддиинсонӣ ва аҳриманист.

Шоёни зикр аст, ки барои давлатҳои қудратталаб маҳз низомҳои исломие мувофиқанд, ки дар он ҷо сатҳи баланди диндорӣ ва таассуби динию мазҳабӣ вуҷуд дошта бошад ва барои паҳншавии ақидаҳои динӣ-ифротӣ замина муҳайё созанд. Аз ин нигоҳ, онҳо аз ҳар амали давлатҳои дунявии рушдкунанда, ки аз паҳншавии экстремизми динӣ пешгирӣ мекунанд, нороҳат мешаванд ва ин амалҳои қонунӣ ва муътадилсозандаро ба ҳар восита ҳамчун маҳдудкунии озодии динӣ эълон дошта, ба ин усул мехоҳанд ба ривоҷу паҳншавии ақидаҳои ифротӣ роҳ кушоянд. Ва ин ҳолатро барои барангехтани низоъҳои сиёсии мазҳабӣ ва амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ сӯиистифода менамоянд.

Хулоса, ТЭТ ҲНИ мисли аксарияти ҳизбу ҳаракатҳои дигар ба бозичаи дасти давлатҳои абарқудрат ҳамчун абзори амалисозии манфиатҳои фаромиллӣ ва фароминтақавии онҳо табдил гаштааст. Бино бар ин, ТЭТ ҲНИ аз рӯи табиати худ хусусияти миллӣ надошта, сирф хусусияти экстремистию террористиро дорост, ки имрӯз чунин ташкилотҳо ба яке аз василаҳои харобсозии ҷаҳони ислом табдил ёфтаанд, ки мисоли инро дар чанд даҳсолаи охир дар ҳаводиси сиёсии олами ислом мо мушоҳида дорем.

Аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳем. Вазифаи ҳар як фарди ватандӯст, алалхусус ҷавонон, ки неруи асосии таҳрикдиҳандаи сафинаи давлатдории мамлакати азизамон ба ҳисоб мераванд, аз он иборат аст, ки фирефтаи макру найранги сиёсиву идеологии ин гурӯҳҳои манфиатҷӯ, ки гургон дар пӯсти гӯсфанд ҳастанд, нагарданд.

**Абдуллоҷон ЗОҲИДОВ**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ОҒОЗ ЁФТ

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҷо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Шабуруз» (РЯМ 0110024604) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Сабзи Канд» (РЯМ 5710005125) воқеъ дар шаҳри Конибодом, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Савдои донои Тоҷикистон» (РЯМ 0410031023) воқеъ дар ноҳияи Сино барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Сафариён» (РЯМ 2810005477) воқеъ дар шаҳри Бохтар барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Хоҷагии деҳқонии "Нишонбобо", (РЯМ 2930008474) воқеъ дар ноҳияи Вахш барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Бекзоди Баҳром» (РЯМ 3210004289) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Шаҳодатнома ва Иқтибос аз Феҳрести ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Сафаров Маҳмадулло (РЯМ 0330123769) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Абдулҳафиз (РЯМ 0331357657), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳасанов Сади (РЯМ 0331189247), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидова Назокат (РЯМ 0930087941), аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулсонви Ҳимматова (РЯМ 3730075800), аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонхӯҷаев Бузург (РЯМ 5530062340), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эгамбердиев Илҳомҷон (РЯМ 6330229868), аз ноҳияи Б. Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Алишер» (РЯМ 1630001817) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба Муассисаи таҳсилоти ибтидоии №29 (РЯМ 1710000380) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Қубудин (РЯМ 0430201998), аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Ҳуҷҷатҳои муассисаи давлатии кӯдакистони №38 (шаҳодатнома ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, РМА), (РМА 020048506) аз ноҳияи И.Сомонӣ бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Алимов Бахтиёр (РЯМ 0330113685), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Мошини назоратӣ – хазинавии тамғаи Меркури 130 F №145650, мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Шарипов Ҳаким (РЯМ 0130121530) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Бобои Маҳмадалӣ» (РЯМ 0930033785) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ "Баҳор – 97" (РЯМ 0210009351) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Довудов Ёфтак (РЯМ 2230009064) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳакимов Аҳмадшо (РЯМ 3830039749), аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба кооперативи истеҳсолии ба номи "В.И Ленин" (РЯМ 3410001210) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шокиров Сафаралӣ (РЯМ 2830054123) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Тарбонова Гулсум, (РЯМ 3230051789) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Одинаев Қудрат, (РЯМ 3330033612) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мавлонов Абдумурод, (РЯМ 3330015719) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Теъдоди сайёҳони хориҷӣ меафзояд

**Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нӯъмон Абдуғаффорзода 26-уми июли соли равон дар нишасти матбуотӣ зикр намуд, ки дар нимсолаи аввали соли равон аз Тоҷикистон беш аз 550 ҳазор нафар сайёҳи хориҷӣ боздид намудаанд.**

Номбурда илова намуд, ки танҳо дар фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз зиёда аз 60 ҳазор нафар сайёҳ ба Тоҷикистон ташриф оварда, бо зебоиҳои нотакрори табиати Тоҷикистон ва фарҳанги пурғановати мардуми тоҷик шинос гардиданд.

Мавсуф афзуд, ки ҳамзамон дар ин давра дар мамлакат 26 ширкати нави сайёҳӣ ворид бозори туристии Тоҷикистон гардиданд, ки дар маҷмӯъ, теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат ба 180 адад расид. Алҳол дар шаҳри Душанбе 90, вилояти Суғд ва ВМКБ мутаносибан 33 ширкати сайёҳӣ ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд.

Нӯъмон Абдуғаффорзода, ҳамзамон, зикр кард, ки соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи дигар қонунҳои аз ҷониби Парлумони мамлакат қабулгардида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ»-ро ба имзо расониданд. Он заминаи устувор ва кафолатдиҳандаи рушди ҳунармандӣ буда, имкон медиҳад, ки тадбирҳо ва барномаҳои нави соҳавӣ барои рушди ҳунармандӣ роҳандозӣ карда шаванд. Тибқи қонуни мазкур, масъалаҳои зиёди соҳаи ҳунармандӣ ҳал гардида, мақоми ваколатдори соҳа муайян карда мешавад ва Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳаи ҳунармандӣ таъсис хоҳад ёфт.

Дар охир, масъулони Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суолҳои рӯзноманигорон посух доданд.

# Иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ

**26-уми июли соли 2019 дар нишасти матбуотӣ муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Зувайдзода қайд намуд, ки қисми даромади буҷети маҳаллии шаҳри Душанбе аз рӯи воридоти андозу пардохтҳои ҳатмӣ 104,8 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 964,8 миллион сомонӣ маблағ ворид шуд, ки ин аз нақшаи пешбинигардида 44,4 миллион сомонӣ зиёд аст.**

Инчунин, дар шаш моҳи соли ҷорӣ нақшаи контингенти умумии даромадҳои буҷети шаҳри Душанбе ба маблағи 1,4 миллиард сомонӣ ё 100,2 фоиз иҷро гардид, ки ин нисбат ба нақша 2,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра аз буҷети шаҳри Душанбе ба маблағи 482,5 миллион сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ равона шудааст. Нақшаи қисми хароҷоти буҷети шаҳри Душанбе ба андозаи 95,3 фоиз иҷро гардида, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии шаҳр 949,0 миллион сомонӣ равона карда шуд.

М. Зувайдзода илова намуд, ки ба ҳолати 1 июни соли ҷорӣ аз ҳисоби ба кор даровардани иншоот ва баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсоливу хизматрасонии мавҷуда, 9293 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис ва барқарор карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 32,1 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра аз ҷониби 462 корхонаи саноатӣ нообаста аз шакли моликият ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 1 миллиарду 263,4 миллион сомонӣ баробар гардид, ки суръати афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22,8 фоиз зиёд аст.

Инчунин, иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади боз ҳам зебову хуррамгардонии ҳудуди минтақаҳои шаҳр дар асоси фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои сохтмонӣ дар 7 гулгашт ва дар 57 майдончаи варзишӣ оғоз шуда, 9 адад майдончаи варзишӣ ифтитоҳ ва аз ин 1 адад тибқи санади комиссияи давлатӣ қабул гардидааст.

Қобили зикр аст, ки то охири соли 2019 сохтмони 25 адад истгоҳи нақлиётии мусофирбарии замонавӣ дар хиёбони С. Шерозӣ ва кӯчаи Н. Қарабоев дар назар аст.

Дар нишасти матбуотӣ, масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба саволҳои рӯзноманигорон посух доданд.

**М. ҶУМЪА**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 2. БАРҚАРОРШАВӢ (АНҶОМИ ҶАРАЁНИ) НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1995 – 1998)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Таҳияи низоми махсуси андози давраи гузариш ислоҳоти зина ба зина ва тадриҷӣ, ҳаракат сӯи сохтори ормонӣ (идеалиро) талаб менамояд, вале дар зинаи миёндаврай имконият фароҳам меояд, ки ба пешомадҳои макроиқтисодии камомади (касрати, дефитсити) буҷет, ки дар натиҷаи бо суръати баланд гузаронидани ислоҳот рӯй доданаш имкон дорад, таваҷҷуҳи бештаре шавад. Бояд гуфт, ки дар давраи гузариш нисбат ба масъалаҳои иқтисодиву хоҷагидорӣ масъалаҳои иҷтимоӣ бештар зуҳур менамоянд ва дар мадди назар қарор мегиранд. Аз ин ҷост, ки таъсири низоми андоз ва мақоми онро дар ҳалли масоили иҷтимоӣ набояд аз назар дур сохт. Ҳангоми гузаронидани ислоҳоти низоми андози давраи гузариш ва андозбандӣ инчунин бояд амсилаи (модели) интихобшудаи иқтисоди бозаргонӣ ба назар гирифта шавад.

**Ҳангоми солҳои 1995 – 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани ислоҳоти низоми андоз вазифаҳои зерин дар мадди назар буданд:**

*- беҳсозии таъминоти моддӣ-техникии мақомоти андоз, ҳавасмандсозии онҳо ба ҷамъоварии андоз, таъмини пешрафти касбии мутахассисони соҳаи андоз, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқии онҳо;*

*- таъмини ворид шудани ҳаҷми муқарраргардидаи андозҳо ба буҷет ва бад-ин васила ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, махсусан ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;*

*- ҷорӣ намудани андоз аз даромади ашхоси воқеӣ ба шакли сохтори содакардашуда дар миқёси васеъ;*

*- ба таври васеъ ҷорӣ намудани андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ба баъзе молҳо, нигаҳ доштан ва баланд кардани аксизҳои то ин давра маъмулбуда;*

*- аз байн бурдани тарифҳои содиротӣ (экспортӣ) ва дар дараҷаи паст нигоҳ доштани тарифҳои воридотӣ (импортӣ) ва паст нигоҳ доштани маблағҳо бо мақсади таъмини протексионизми муътадил;*

*- шадидан кам кардани миқдори умумии андозҳо дар ҷумҳурӣ, манъи ҷорӣ намудани андозҳо ва пардохтҳое, ки дар санадҳои қонунӣ оид ба андоз нишон дода нашудаанд;*

*- манъи ҳама навъҳои андозҳо ва пардохтҳои ба заминаи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда асосёфта (андоз аз гардиш), даст кашидан аз имтиёзҳои зиёд;*

*- ҳамгироии (интегратсияи) маҷмӯи санадҳои меъёрӣ, қонунҳо дар як ҳуҷҷат–Кодекси андоз ва дар он истифода кардан аз мафҳумҳои муқарраргардида ва тафсири возеҳу равшани дастурҳои қонунгузорӣ оид ба андоз.*

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Давои «алафи арманӣ»



Барги салат ё «алафи арманӣ» (армянская трава)- сабзавоти мӯъҷизанокест, ки вазни моро кам намуда, аз бемории саратон ҳимоя мекунад. Олимони Амрико муаайян намудаанд, ки ҳафтае чор маротиба истеъмол намудани ин барги хӯриш метавонад саратони шушро пешгирӣ намояд. Тадқиқоте, ки дар он қариб 4 ҳазор нафар иштирок намуданд, нишон дод, ки дар таркиби алафи арманӣ моддаҳое мавҷуданд, ки дар узвҳои роҳи нафас инкишофи ҳуҷайраҳои саратонро бозмедоранд.

Тибқи андешаи саратоншиносон ҳангоми истеъмоли ин растанӣ беш аз ҳама тамокукашон манфиат хоҳанд дид.

Ҳамасола дар дунё 213 ҳазор ҳодисаи марг аз саратони шуш ба қайд гирифта мешавад ки қариб 80 фоизи тамокукашон гирифтори ин бемориянд. Дар ҳолати ба хӯроки ба гирифторони ин беморӣ ва умуман тамокукашон илова кардани «алафи арманӣ» хатари гирифторшавӣ ба саратони шуш ва бо марг анҷом ёфтани ин беморӣ аз байн меравад. «Алафи арманӣ» зарари чангу ғубори ҳаво ва аллергияҳоро бартараф менамояд. Истеъмоли хӯриши мазкур ва дар баробари ин машғул шудан ба корҳои ҷисмонӣ шушҳоро ҳимояи беҳтарин хоҳад буд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Зиндагӣ чун гули сурхе аст пур аз баргу гул ва пур аз атру пур аз хор, пас агар хоҳем гул бичинем, атру хору гулу барг ҳама ҳамсояи девор ба девори ҳаманд.

ххх

Агар ҳаррӯза роҳро иваз кунӣ, ҳаргиз ба мақсад намерасӣ.

ххх

Ҳеҷ гоҳ ба хотири надоштани чизе норoҳат набошед, балки ба хотири чизҳое, ки доред, ҳамвора хушҳол бошед.

ххх

Фақат мегӯем, ки сирати касро қабул дорем, аммо бештарамон ба сурaташ нигоҳ мекунем.

ххх

Андеша дарёест, ки марвориди он фарзонагист.

ххх

Оянда аз он вобаста аст, ки имрӯз чӣ кореро ба сомон мерасон.

## ОЁ МЕДОНЕД?



Нигерия давлати дугоникҳост, зеро дар ҳар 11-умин таваллуд як дугоник ба дунё меояд.

1 миллион доллар 10 килограм вазн дорад.

## Панди рӯзгор

Рӯзе падар дар ҳуҷраи худ ба шиддат саргарми кор ва машғули баррасӣ ва танзими қарору мулоқотҳояш буд, то андозае, ки вақте духтарчааш ба ӯ наздик шуд, аз омадани ӯ хабар наёфт. Духтарча пас аз каме сукут гуфт:

- Падарҷон, чӣ кор мекунед?

- Духтарҷон, қарору мулоқотҳоямро дар болои дафтари кориам менависам, то фаромӯш накунам.

- Падарҷон, оё номи ман ҳам дар он дафтар ҳаст?

Дуруст аст, ки мо одамҳо он қадар худамонро саргарми зиндагӣ мекунем, ки бисёриҳоро фаромӯш мекунем. Ин дунёи бузург он қадар машғулият ва кор барои мо метарошад, ки воқеан бузургтарин ва наздиктарин касро фаромӯш мекунем...

## Майдони Кардада



Ҳар касе, ки ба Швейтсария барои тамошо меравад, ҳатман аз қаторкӯҳҳои наздикии шаҳраки Локарно дидан менамояд. Дар яке аз баландиҳои қаторкӯҳи он майдони тамошобоби даврашакле ҷойгир аст, ки Кардада ном дорад. Чунин ба назар мерасад, ки он овезон аст. Аз он кӯли машҳури Лаго – Маҷоре бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш намоён аст. Майдони Кардада дар ҷануби ин кишвар машҳур буда, дар марказҳи таваҷҷуҳи сайёҳони дохилию хориҷӣ қарор гирифтааст. Майдон пули мустаҳкам ва бонафосате дорад. Панҷара ва зинаҳои он бо тарзи замонавӣ ва рамзу аломатҳои ба санъати Швейтсария хос оро ёфтаанд.

## Фаввора эҷоди тахайюли инсон ё...

**Фаввора яке аз офаридаҳои хеле зебои меъморӣ ба шумор меравад.**



Фаввораи шишагие, 14 тонна вазн дорад, дар боғи технологии Уайтхолли шаҳри Шарлотти ИМА ҷойгир мебошад. Ин фаввораро ҳайкалтарош Давид Черни аз пӯлод сохтааст. Он то 360 дараҷа давр зада метавонад. Фаввораи муаллақ бошад, дар шаҳри Кадиси Испания ҷойгир аст. Асрори ин фаввора дар он аст, ки он бо лулаи шаффофи обгузар пайваст буда, мили он дар фазои муаллақ истодааст. Пули «Фаввораи рангинкамон» дарозтарин фаввора ба ҳисоб рафта, дар як дақиқа 38 насоси он аз ду тараф 190 тонна обро ба атроф мепошад. Ҳаракати он бо мусиқӣ тавъам мебошаду шабҳо бо рангҳои гуногун дурахшон мешавад. Фаввораи «Дорой» дар Сингапур ҷойгир буда, бо масоҳати 1683 метри мураббааш, машҳур мебошад, Фаввора аз ду қисм иборат аст. Онҳо даруни ҳамдигар ҷой дода шуда, рамзи боигарӣ ва зиндагиро таҷассум мекунанд.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 856**